# «Занҳои фаромӯшшудаи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик»

## Тадқиқоти Созмони байналмиллалии муҳоҷират оиди ҳолати иқтисодӣ ва иҷтимоии занҳои фаромӯшшудаи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ва имкониятҳои онҳо барои беҳдошти зист

**СБМ Душанбе, Тоҷикистон августи с. 2009.**

Тадқиқоти СБМ оиди занҳои фаромӯшшудаи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик барои мутахассисони идораҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, олимон, коршиносони ин соҳа, созмонҳои байналмиллалӣ ва ғайра омода карда шудааст. Тавсияҳое, ки дар асоси тадқиқот пешниҳод шудаанд, имконият медиҳанд, ки барои самтдорӣ намудан дар ҳалли мушкилоти мавҷудаи занҳои фаромӯшшудаи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик кӯмак расонад. Матни тадқиқот ба забони англисӣ тартиб дода шудааст ва он ҳамчун матни асосӣ ҳисоб меёбад. Ахборот ва хулосаҳое, ки дар тадқиқот пешниҳод шудаанд ба муаллиф тааллуқ дорад ва зарур нест, ки нуқтаи назари СБМ ва ё давлатҳое, ки аъзои ин созмон ҳастанд инъикос намояд.

СБМ тарафдори ақидаест, ки тибқи он муҳоҷирати муназзам ва инсондӯстона барои муҳоҷир ва ҷомеа фоида меорад. СБМ ба сифати мақоми байнидавлатӣ бо ҳамшариконаш аз ҷомеаи байналмиллалӣ фаъолияти худро, ки ба расонидани кӯмак дар ҳалли вазифаҳои фаврӣ дар соҳаи муҳоҷират, шарҳи масъалаҳои марбут ба муҳоҷират, дастгирии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тавассути муҳоҷират равона гардидааст, амалӣ менамояд. Нашрияи мазкур аз тарафи Созмони байналмиллалии муҳоҷират якҷоя бо Хукумати Норвегия маблағгузорӣ карда шудааст.

Ношир: Намояндагии Созмони байналмиллалии муҳоҷират
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, 734013
гузаргоҳи 2 Азизбеков 22 а

Телефон + 992 37 221 03 02
Факс + 992 37 251 00 62
E-mail: iomdushanbe@iom.int.

С 2009 Созмони байналмиллалии муҳоҷират (СБМ)

Тамоми Ҳуқуқҳо бо ҳуқуқи муаллиф ҳимоя карда мешаванд. Ягон ҷузъи ин нашрия бе гирифтани иҷозати хаттии ношир наметавонад ба чоп расад, дар низоми иттилоотӣ ҳифз гардад ва ё бо кадом шакле, ки набошад тавассути ҳар гуна воситаҳои электронӣ ва механикӣ, аз тариқи нусхабардорӣ, сабт ё бо дигар воситаҳо интиқол шавад.

*«Бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ моро водор месозад, ки мо хароҷотҳоямонро то андозае кам намоем. Аммо маблағгузории мо нисбати занони тамоми ҷаҳон набояд кам карда шавад. Ҳангоме, ки мо ба зан имконият пешниҳод менамоем, мо ин имкониятро ба оила пешниҳод мекунем, ҳамин тариқ мо ҷаҳонро беҳтар мегардонем.»*

***Котиби Генералии***
***Созмони Миллали Муттаҳид***
***Пан Ги Мун***

# Мундариҷа

Мундариҷа.......... 4

Сухани ифтитоҳӣ .......... 5

Мазмуни мухтасар .......... 7

Банди 1. Консепсия ва методологияи тадқиқот .......... 10
1.1. Ахбороти умумӣ .......... 10
1.2. Мақсади тадқиқот.......... 10
1.3. Мақсади мусоҳиба .......... 11
1.4. Методологияи тадқиқот .......... 11
1.5. Методологияи пурсиш .......... 11
1.6. Фарогирии ҷуғрофии пурсидашудагон аз рӯи минтақаҳо .......... 12
1.7. Гурӯҳҳои мақсадноки аҳолӣ .......... 12
1.8. Интихоби гурӯҳи мақсаднок .......... 12
1.9.Мусоҳибаи гурӯҳои пешакӣ .......... 13
1.10. Фаъолияти саҳроӣ .......... 13
1.11. Маҳдудиятҳои тадқиқот .......... 13
1.12. Шарҳи мафҳумҳо.......... 13

Банди 2. Шарҳи мухтасари муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон .......... 14
2.1. Контексти таърихӣ .......... 14
2.2. Характеристикаи демографии муҳоҷирати меҳнатӣ.......... 16
2.3. Интиқолӣ маблағҳо .......... 19

Банди 3. Занҳои фаромӯшшудаи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик.......... 21
3.1. Интиқоли маблағ ва нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ .......... 21
3.2.Характеристикаи иҷтимоӣ - демографии занҳои фаромӯшшуда.......... 25
3.3. Баходиҳӣ ба ҳолати иҷтимоӣ ва иқтисодии занҳои фаромӯшшуда.......... 27
3.4. Алоқамандӣ бо шавҳарони муҳоҷир.......... 28
3.5.Озурдаҳолӣ.......... 29

Банди 4 . Хулоса ва тавсияҳо.......... 31
Рӯйхати суратҳо .......... 36
Рӯйхати маводҳои истифодабурдашуда.......... 37

## СУХАНИ ИФТИТОҲӢ

Дар натиҷаи ҳодисаҳои дар наздикӣ рӯйдода муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз манбаҳои асосии даромади бештари оилаҳо дар Тоҷикистон гардид. Бинобар ин зарурияти омӯзиш ва баҳо додан ба таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба аҳолӣ пайдо шуда истодааст. Имрӯз диққати махсус ба интиқоли маблағҳо, саломатӣ, ҳуқуқҳои инсон, идоракунии сарҳадҳо ва масъалаҳои назорати муҳоҷирати меҳнатӣ дода мешавад.

Аммо дар баробари ин бояд диққати махсусро оиди таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба оилаҳое, ки аз тарафи шавҳарашон фаромӯшшудаанд, дода шавад. Маълум аст, ки ин гуна оилаҳо мавҷуданд, аммо миқдори чунин оилаҳо ва то чи андоза ин занҳои фаромӯшшуда имконияти беҳдошти зиндагиро бурдан доранд номаълум аст. СБМ вазифа гузошт, ки чунин тадқиқотро ва муҳокимаи хаматарафаи онро, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ тааллуқ дорад, гузаронад. Бештари занҳое, ки аз тарафи шавҳарашон фаромӯш шудаанд, барои пеш бурдани зиндагии худ дар оилаи шавҳар ё хешовандони он зиндагӣ мекунанд. Аммо худи ин оилаҳо низ аксаран камбизоатанд, алалхусус оилаҳое, ки дар қишлоқҷойхо зиндагӣ мекунанд. Ин гурӯҳи занҳо гирифтори мушкилотҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ гашта, барои хешу авлодон, ки маҷбуран онҳоро дастгирӣ менамоянд, як бори гарон мешаванд. Занҳои фаромӯшшуда бо фарзандҳояшон дар хонаҳое, ки шароити ғайриқаноатбахш доранд истиқомат мекунанд, сифати хӯроки истеъмол кардаашон паст буда, имкониятҳои дастрас намудани кӯмаки тиббӣ маҳдуданд. Чунин ҳолат вазъи зиндагии онҳоро боз ҳам бадтар менамояд. Ҳокимиатҳои маҳаллӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ , оҷонсиҳои байналхалқие, ки оиди барномаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ фаъолият менамоянд, ба вазъи занҳое, ки аз тарафи шавҳаронашон фаромӯшшудаанд, аҳамият намедиҳанд. Аз ин рӯ мақсади ин тадқиқот – омӯзиш ва қайд намудани тарзи ҳаёти ин гуна занҳои тоҷик, омӯзиши имкониятҳои мавҷудаи беҳдошти зист, имконияти хавфи муносибати дағалона ва ҷиноят нисбати занҳои фароммӯшшуда, муайян намудани миқдори онҳо ва баҳо додан ба ҳолати имрӯзаи онҳо мебошад. Ин тадқиқот мақсад мегузорад, ки таъсири ҳодисаи тарк кардани оила аз тарафи мардони муҳоҷир, ба ҳолати равонӣ, ҳолати иқтисодии занҳои фаромӯшшуда омӯхта шавад. Бештарии занҳои фаромӯшшуда солҳои тӯлонӣ дар интизори бозгашти шавҳар мебошанд.

Баҳо додан ба таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳолати занҳои фаромӯшшуда – аввалин қадам дар ҳалли муаммоҳои занҳои фаромӯшшуда аст, аз ин рӯ омӯзиши роҳҳои паст намудани хатари муносибати дағалона ва ҷиноят нисбати онҳо ва умуман беҳтар намудани имкониятҳои беҳдошти зист ва сифати зиндагии занҳои фаромӯшшуда зарур мебошад. Дар айни замон муҳиммаш он аст, ки дар шароити бӯҳрони иктисодии глобалӣ миқдори муҳоҷирони меҳнатие, ки қобили фиристодани маблағҳои пулӣ ба хонаҳояшон надоранд, зиёд шуда истодаанд.

Мехостам миннатдории худро ба муаллифи ин тадқиқот стипендиати Фулбрайт аз Фэрфакса, штати Вирджинияи ШМА, Розелла Глен баён намоям. Розелла Глен дар вазифаи таҷрибаомӯз дар Намояндагии СБМ дар Тоҷикистон (ш. Душанбе) якчанд муддат фаъолият намуда, ташхисҳоро оиди гузаронидани тадқиқоти ҳолати имрӯзаи занҳои муҳоҷирони мехнатӣ омода намуд.

***Зейнал Гаджиев***
***Сардори Намояндагии***
***СБМ дар Тоҷикистон***

## АРЗИ СИПОС.

Муаллиф миннатдории худро ба Сардори Намояндагии СБМ Зейнал Гаджиев ва ҳайати кории ин ташкилот барои ташкили ин тадқиқот баён менамояд. Алалхусус муаллиф аз Гулчеҳра Иброҳимова сипосгузор аст, ки ҳангоми гузаронидани тадқиқот ва пурсишҳо, ташкили вохӯриҳо бо гурӯҳҳои мақсаднок, вохӯриҳо бо шахсони мутассаддӣ ва мутахассисон оиди муҳоҷирати мехнатӣ ва гендерӣ кӯмак расонид. Ба фаъолияти Гулчеҳра Иброҳимова оиди дастгирии беғараз ва бебаҳо баҳои баланд дода шуд, зеро ки бе дастгирии ӯ ҳамчун мутахассис ва эксперт иҷроиши ин тадқиқот имконнопазир буд. Инчунин муаллиф миннатдории худро ба ҳайати кормандони СБМ дар Тоҷикистон, ки иҷроиши ин Барномаро дастгирӣ намудаанд, баён менамояд.

## Мазмуни мухтасар

### Занҳои фаромӯшшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ

Мавзӯи ин тадқиқот – занҳои муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон мебошанд, ки аз тарафи шавҳаронашон фароммӯш шудаанд. Тадқиқот муаммоҳои ин гурӯҳи занҳоро, ки бо таъсири фаромӯшшудани занҳо ба ҳолати иқтисодӣ, равонӣ ва озурдагии онҳо вобаста аст, ташхис менамояд. Дар баробари ин тадқиқоти гузаронидашуда тасдиқи он аст, ки чунин ҳолатҳо характери оммавӣ дорад. Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳад, ки занҳои фаромӯшшуда дар қашшоқӣ зиндагӣ ба сар бурда, аз тарафи давлат, хукуматҳои маҳаллӣ,ташкилотҳои байналмиллалӣ ва ҷомеа дастгирӣ карда намешаванд, ҳолати равонӣ ва ҷисмонии онҳо хавфнок аст, онҳо аз гуруснагӣ ва муносибати золимона эмин нестанд.

Муҳоҷирати меҳнатии мардон аз деҳот ба шаҳр дар Тоҷикистон ва ба дигар мамлакатҳо ҳаёту зиндагиро дигаргун сохта вазифаҳои оиладориро ба дӯши зан гузошт. То замоне, ки шавҳар дар хориҷи кишвар моҳҳо ва солҳои зиёде кор мекунад, зан дар хона на танҳо вазифаҳои суннатии худро (соҳибхоназан будан, тарбияи фарзанд, нигоҳубини шахсони калонсоли оила) иҷро менамояд, балки назорат ва нигоҳубини хона, буҷаи оилавӣ, кор дар замини наздиҳавлигӣ, нигоҳубини чорвои хонагӣ низ ба дӯши зан гузошта мешавад. Аз тарафи дигар набудани имкониятҳои интиқоли маблағ ва ахборот оиди имкониятҳои муоширaт бо шавҳар ҳолати ин гуна занҳоро боз ҳам вазнинтар мекунад. Ба мисли дигар давлатҳо муҳоҷирати мардони тоҷик ба феминизатсияи бештари бахшҳои ҷомеа, алалхусус дар соҳаи хоҷагии қишлоқ оварда расонид. Яке аз хулосаҳои муҳиме, ки дар натиҷаи тадқиқот бароварда шуд, нишон медиҳад, ки бештари занҳо дар корҳои мавсимӣ дар хоҷагии қишлоқ банд буда, бо ҷамъоварии пахта ва дигар зироатҳо машғуланд.

Аксаран занҳо дар хонаи хешовандони шавҳарашон зиндагӣ мекунанд ва писарони калонсол доранд. Азбаски дар ин оилаҳо занҳо ҳамчун сардори хоҷагӣ ба ҳисоб рафта наметавонанд, аз ин рӯ онҳо аз имкониятҳои гирифтани интиқоли пулӣ ва онро хароҷот намудан маҳруманд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон ба мисоли Мексика боиси пайдо шудани муносибатҳои нави оилавӣ шуда истодааст, ки дар он хешовандони шавҳар ҷои намоёнро ишғол намудаанд. Бо нияти он, ки шавҳарони онҳо дар муҳоҷират маблағи зиёдеро кор карда, ба оилаҳояшон кӯмак мерасонанд, занҳо омода ҳастанд, ки ба ҳар қурбониҳо раванд, зеро, ки дар мамлакат кор ёфтан мушкил аст.

Ин занҳо дар хавфи муносибати золимона ва ҷиноят мебошанд, аз зери таъсири муаммоҳои иқтисодӣ ва норасогиҳои зиндагӣ ба фоҳишагӣ ва одамрабоӣ кашида шуда метавонад.

Дар вақти гузаронидани тадқиқотҳо муайян карда шуд, ки бештари ин гурӯҳи занҳо бо кӯдаконашон дар ҳолати камбизоатӣ зиндагӣ ба сар мебаранд ва онҳо умед надоранд, ки бе дастгирии дигарон аз ин ҳолати камбизоатӣ баромада тавонанд. Душвории дигаре, ки дида мешавад, ин ҷои зисти онҳо мебошад. Аз сабаби дар қишлоқҷойҳо дастрас набудани воситаҳои нақлиёт, занҳо имконияти ба шаҳр рафта ҷойҳои кориро дарьёфт кардан, надоранд.

Бе далелҳои амиқи оморӣ миқдори занонеро, ки аз тарафи шавҳаронашон фаромӯш карда шудаанд, муайян кардан душвор аст, вале хулосаҳое, ки дар натиҷаи тадқиқот бароварда шудааст, нишон медиҳад , ки 37% муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар як сол ба оилаҳояшон 500 доллар ё аз он ҳам камтар пул мефиристонанд. Агар ин фоизро ба миқдори умумии муҳоҷирони меҳнатӣ пешбини намоем (800 000 аз рӯи нишондодҳои СБМ ва то 1 миллион аз руи нишондодхои ғайрирасмӣ, инчунин муҳочирони аз қайд нагузаштаро дар

назар гирем), метавон гуфт, ки тақрибан аз 230 880 то 288 600 хоҷагиҳо ба ҳисоби аз тарафи иқтисодӣ партофта шудаанд ва дар камбизоатӣ зиндагӣ ба сар мебаранд.

Аз ин ҳисоб 78% занҳо дар қайди никоҳ ва соҳиби фарзанд ҳастанд, аз рӯи далелҳои СБМ. Ин далелҳо ниҳоят ҷиддӣ мебошанд ва бо назардошти таъсири бӯҳрони молиявӣ, ки дар Русия ҷой дорад, бештарии муҳоҷирони меҳнатӣ бе ҷойҳои корӣ ва бе маблағ мемонанд. Аз рӯи далелҳои Бонки Умумиҷаҳонӣ интиқоли маблағҳои пулӣ аз тарафи муҳоҷирони меҳнатӣ зиёда аз 50% Маҷмӯи маҳсулоти дохилаи (ММД) Тоҷикистонро тартиб медиҳад ва бӯҳрони молиявӣ дар Русия захираҳои молиявии Тоҷикистонро дар зери таҳдид мегузорад. Бо назардошти он, ки Ҳукумати Тоҷикистон кӯшишҳои зиёде оиди дар ҳолати мувозинат нигоҳ доштани буҷа ҳаракат карда истода бошад ҳам, лекин таъсири ин бӯҳрон ба оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ зиёд мешавад. Ин таъсир на танҳо аз ҳисоби кам шудани пардохти интиқоли маблағ, балки аз ҳисоби кам шудани имкониятҳои давлат оиди истифодабарии захираҳо барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ низ дида мешавад.

**Хулосаҳо:**

Новобаста аз нопурра ва амиқ будани ахборот оиди ҳодисаи «занҳои фаромӯшшуда» ба ин ҳодиса баҳо додан мумкин аст. Аз рӯи баҳое, ки худи тадқиқотчӣ медиҳад, тахминан аз се як қисми муҳоҷиррони меҳнатӣ ба ватанашон бозгашт намекунанд ва дар давлати қабулшуда ҷой мегиранд. Бо назардошти бӯҳрони молиявии глобалӣ ин нишондодҳо метавонанд зиёд шаванд;

- Пурсишҳо ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ин гурӯҳи занҳо дар ҳолати камбизоатӣ ва шароити ғайриқаноатбахш зиндагӣ мекунанд, хӯроки асосии онҳо аз ҳисоби он зироате, ки худашон парвариш менамоянд иборат аст, дар баъзе мавридҳо аз тарафи хешовандонашон кӯмак расонида мешавад;
- Баъзе занҳо аз фарзандони худ ҳодисаи аз тарафи падарашон нафиристодани маблағ ва маълумотро оиди бо дигар зан зиндагӣ ба сар бурдани падарашон рӯйпӯш менамоянд;
- Баъзе кӯдакон тамоман падари худро надидаанд, зеро, вақте, ки падаронашон ба хориҷа рафта буданд кӯдакон хеле хурд ва ё дар батни модар будаанд;
- Баҳо додан ба ҳодисаи таъсири фаромӯш кардани зан ва кӯдакон ба ҳолати равонӣ ва иҷтимоии онҳо ва инчунин ба имкониятҳои ҷомеа оиди ҳал намудани ин мушкилотҳо лозим аст;
- Барои беҳдошти зиндагӣ модарон бо ҳар кори дастрасшуда машғул мешаванд аз он ҷумла дар заминҳои наздиҳавлигӣ кор мекунанд, барои истеъмоли хӯрока ё фурӯшӣ зироат парвариш менамоянд, кӯдаконро ба кор мефиристонанд, ки даромади иловагӣ пайдо кунанд, аз хешу таборон кӯмак мегиранд;
- Бештари занҳо намедонанд, ки шавҳаронашон дар куҷо ҳастанд;
- Бештари занҳо аз равиши муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳуқуқҳои худ ва аз имкониятҳои ҳуқуқии ҷустуҷӯи шавҳарони худ бархӯрдор нестанд;
- 48%, яъне нисфи мусоҳибашудагон ҷои корӣ надоранд; аз нисф зиёди онҳо дар танҳоӣ, ҳолатҳои ногувор зиндагӣ ба сар мебаранд ва аз тарафи наздикон дастгирӣ намеёбанд, қисми дигари занҳо интихоб кардаанд, ки дар оилаи падар ва модари худ ё худ дар оилаи шавҳарашон зиндагӣ кунанд;
- Танҳо 1% занҳои мусоҳибашуда посух додаанд, ки аз ташкилотҳои байналмиллалӣ ба онҳо кӯмак дастрас шудааст. Қисми зиёди онҳо оиди дастрас намудани кӯмак аз ин гуна ташкилотҳо тасаввурот надоранд;

- 91% занҳои мусоҳибашуда посух доданд, ки дар айни ҳол интиқоли маблағро намегиранд;
- Танҳо 10%-и занҳо (ҳамаи онҳо дар ВМБК зиндагӣ мекунанд) барои ташкили тиҷорат аз имконияти қарзи бонкӣ истифода бурдаанд;
- Ҳангоми муддати тӯлони дастрас нашудани интиқоли маблағ ё дигар манбаҳои даромад, дар байни онҳо хавфи худкушӣ ё ҳолатҳои рӯҳафтодагӣ зиёд мешавад;
- Мусоҳибаҳо бо экспертҳо ва далелҳои ғайрирасмӣ нишон медиҳанд, кӣ баъзе аз занҳои фаромӯшшуда барои пайдо намудаи манбаҳои иловагии даромад метавонанд бо фоҳишагӣ машғул шаванд;
- Барои пурра фаҳмидани таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба муаммоҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҷисмони ва фарҳангии занҳои фаромӯшшуда диққати ҷиддӣ ва махсус дода намешавад;
- Танҳо 1% пурсидашудагон посух додаанд, ки онҳо ҳамчун зани дуввум никоҳ шудаанд. Ин ҳолат ба зани фаромӯшшуда ҳамчун зан ҳуқуқҳои юридикӣ дода наметавонад ва дар вақти гирифтани шаҳодатнома оиди таваллуди фарзанд ва ё барои муайян намудани ҳолати ҳуқуқии онҳо, ҳамчун модари танҳо дар ҳолати набудани шавҳар ӯ ба мушкилиҳо дучор шуда метавонад;
- Аз нисф зиёди занҳои мусоҳибашуда бо шавҳарони худ дар тамос нестанд, 40% онҳо баъд аз ба муҳоҷирати меҳнати рафтани шавҳарашон аз онҳо интиқоли маблағ нагирифтаанд;
- Бо сабабҳои баъд будани вазъи саломатӣ ё дар хона будани кӯдакони хурдсол, бештари занҳо ба кор баромада наметавонанд;
- Сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ ва набудани ахборот оиди ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва қонунгузорӣ; бештари занҳо мехоҳанд, ки дар бораи тақдири шавҳари худ ахборот дошта бошанд;
- Ҳамаи кӯдакони дар хоҷагиҳо пурсидашуда ба мактаб мераванд, баъзеи онҳо барои ба оилаҳои худ кӯмак расонидан пеш аз дарс ё ин, ки баъд аз дарс кор мекунанд.

**Банди 1. Консепсия ва методологияи тадқиқот.**

**1.1. Ахбороти умумӣ.**

Ба ҳама маълум аст, ки дар натиҷаи барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон интиқоли маблағҳо ҳамчун манбаи асосии даромади хоҷагиҳо шудаанд, ки ин 60%-и ММД тартиб медиҳад[1]. Раванди ин ҳодисот чунин аст : бо мақсади таъмини оила бо маблағ бештарии мардҳои синни хонадорӣ занҳои худро дар ватанашон монда, барои кор ба хориҷ, аз он ҷумла ба Русия меравaнд. Занҳо одатан маблағҳоро барои эҳтиёҷоти аввалиндараҷа, аз он ҷумла барои хӯрока, кӯмаки тиббӣ, нигоҳубини хона сарфа мекунанд. Занҳо кӯдакон ва пиронсолонро нигоҳубин карда, ба ғайр аз иҷрои кори хона дар ягон ҷой кор намекунанд. Аз ин рӯ интиқоли маблағҳо ҳаётан ба онҳо зарур мебошад ва вақте, ки интиқоли маблағҳо ба занҳо дастнорас нашаванд, занҳо дар ҳолати камбизоатӣ ва беморӣ озурда мешаванд. Ба ҳолати озурдагӣ аъзоёни оила низ гирифтор мешаванд, ки нигоҳубини онҳо дар вақти набудани шавҳар ба дӯши зан гузошта мешавад. Ин таъсирот дар ҳолати бӯҳрони молиявии глобалӣ боз ҳам зиёдтар мешавад, зеро, аён аст, ки бештари муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷ бекор мондаанд, ё ин ки музди меҳнаташон коҳиш ёфтааст.

**1.2. Мақсади тадқиқот.**

Мавзӯи ин тадқиқот занҳои муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон мебошад, ки аз тарафи шавҳаронашон тарк карда шудаанд, ё фаромӯш карда шудаанд. Ин тадқиқоти пешакӣ муаммоҳои ин гурӯҳи занҳоеро, ки бо фаромӯшшудан ва натиҷаи он ба озурдагӣ мерасонад, меомӯзад. Тадқиқот инчунин шаҳодат медиҳад, ки чунин ҳолатҳо хусусияти оммавӣ дорад. Ин тадқиқот хислати ташхисӣ дошта, барои муайян намудани характери муаммоҳо, ки занҳои фаромӯшшуда эҳсос менамоянд кӯмак мерасонад. Ташхис дар асоси маҷмӯи изҳороти занҳои фаромӯшшуда, манбаҳои иловагӣ ва барои муайян намудани қарина тартиб дода шудааст. Тадқиқот боз як бори дигар таъсири иҷтимоӣ ва молиявии тарк кардани зан ва оиларо дар гурӯҳҳои мақсадноки аҳолӣ нишон медиҳад. Саволе ба миён меояд, ки муҳоҷирони меҳнатӣ дар сари чанд вақт маблағ интиқол менамоянд, таъсири дастрас набудани интиқоли маблағ ба занҳо чӣ гуна мебошад, чӣ тавр зан бе манбаи даромад зиндагӣ мекунанд, кадом намудҳои дастгирӣ ба онҳо дастрас мебошад, (мисол: ташкилотҳои давлатӣ, ташкилотҳои байналмиллалӣ, ташкилотҳои маҳаллӣ, ҷомеаи маҳаллӣ, ассотсиатсияҳои оилавӣ ва ғайраҳо), имкониятҳои шуғл ва дигар воситаҳои дастрас, инчунин гирифтори хатари одамрабоӣ ва ба фоҳишагарӣ машғул шудан, истифодаи меҳнати кӯдакон, муҳоҷират, серзанӣ, саломатӣ ва худкушӣ.

Гарчанде, ки дар ин зинаи тадқиқот мусоҳиба дар сатҳи миллӣ гузаронида нашуда бошад, ҳам, пурсишҳои занҳо имконият медиҳад, ки муаммоҳое, ки ба ин занҳо муҳочирати меҳнатии шавҳаронашон чи тавр таъсир расонидааст, беҳтар фаҳмида шавад ва ин мушкилотҳо метавонанд асоси тадқиқотҳои оянда шаванд. Ташхиси муфидноки ин натиҷаи муҳоҷират имконият медиҳад, ки на танҳо роҳҳои ҳалли мушкилоти занҳои муҳоҷирони тоҷикро дарёфт намоем, балки Ҳукумати Тоҷикистон ва дигар шахсоне, ки дар идоракунии равиши муҳоҷират, таъминоти иҷтимоӣ, инкишофи иқтисодӣ, сохторҳои ҳукуматӣ фаъолият менамоянд, оиди беҳтар намудани имкониятҳо хабардор шаванд.

**Масъалаҳои мушаххас:**

- Омӯзиши шароити зиндагии занҳои муҳоҷирони меҳнатӣ;
- Баҳо додан ба имкониятҳои беҳдошти зисти онҳо;

1. Баромади муттахассиси варзидаи илмҳои иқтисодии Бонки Умумиҷаҳонӣ марбут ба Тоҷикистон, Судхаршан Канагараджа-Мизи Мудавари СБМ- таъсири бӯҳрони глобалии моллиявӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон. Душанбе, 13-14 марти соли 2009.,

- Муайян намудани миқдори занҳое, ки дар оилаҳои падар ва модари худ ё бо хешовандони шавҳарашон зиндагӣ мекунанд;
- Муайян намудан, ки оё онҳо дар куҷо ҷой гирифтани шавҳарашонро медонанд ё не;
- Муайян намудани мӯҳлати дар алоҳидагӣ аз шавҳар зиндагӣ кардани занҳо, сари чанд вақт онҳо бо шавҳарашон муошират кардаанд ва охирон маротиба кай бо шаҳарашон муошират карда будаанд;
- Муайян намудан, ки дар сари чанд вақт шавҳарашон ба онҳо пул мефиристонанд ва миқдорӣ ин маблағҳо;
- Баҳо додан ба имконияти гирифтор шудан ба хатари муносибати золимона, ҷиноят, бадшавии саломатӣ ва камбизоатӣ;
- Баҳо додан ба маълумотнокии онҳо оиди равиши муҳоҷирати меҳнатӣ ва роҳҳои ҳуқуқии муаян намудани мавқеи шавҳарони онҳо.

**1.3. Мақсади мусоҳиба.**

Мақсади мусоҳиба ҷамъ намудани маълумот оиди мавқеи занони муҳоҷирони меҳнатие, ки аз шавҳаронашон интиқоли маблағи нокифоя ё тамоман намегиранд, муаян намудани сатҳи озурдагии онҳо оиди саломатии равонӣ, ҷисмонӣ ва мутаасиршавандагии онҳо, сатҳи баланди камбизоатӣ, ҷинояткорӣ, одамрабоӣ, серзанӣ. Ба ғайр аз ин мусоҳибаи шахсӣ ба тадқиқотчӣ имконият дод, ки бо гурӯҳҳои мақсаднок бевосита муошират ва мушоҳида намуда барои беҳтар фаҳмидан ва дарк намудани шароит ва тарзи зиндагӣ, ҳолати ҷисмонӣ ва равонии онҳо кӯмак расонад.

**1.4. Методологияи тадқиқот:**

Ҷамъ намудан ва ташхиси мусоҳибаҳо баҳои аввалияи сифатнокӣ мебошад. Гарчанде, ки ин тадқиқот умуман характери сифатокӣ дошта бошад ҳам, оиди баъзе далелҳо ташхиси миқдорӣ бо истифодаи пурсишномаҳо гузаронида шуд. Ҷавоби пурсишномаҳо ба SPSS гузошта шуда, ҳамчун муваққатӣ дониста шуд, ки онҳоро мувофиқи аҳамият ченак карда мешавад.

**1.5. Методологияи пурсиш**

Тадқиқот далелҳои миқдориро дар бар мегирифт, ки дар натиҷаи мусоҳибаҳои шахсӣ дар дафтари (офиси) СБМ ва ташкилотҳои ҳамоҳангсоз – марказҳои иттилоотӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва дигар манбаҳои иловагӣ дастрас шудаанд. Баъзеи мусоҳибаҳои алоҳида дар хонаҳои пурсишшудагон гузаронида шуд. Қисми дигар бо назардошти бехатарӣ, хароҷотҳои молиявӣ, табъизи нажодӣ, камбизоатӣ ва ҳуқуқӣ дар марказҳои иттилоотии минтақавӣ гузаронида шуд. Гурӯҳҳои мақсадноки аҳолӣ ин занҳои муҳоҷироне буданд, ки аз тарафи шавҳаронашон фаромӯшшуданд ва бо марказҳои ҳамоҳангсозӣ СБМ ва ҷамоатҳо дар тамос буданд.

Мусоҳиба дар асоси пурсишнома, ки аз 25 савол иборат буд, гузаронида шуд. Пурсишнома бо назардошти характеристикаи демографии гурӯҳҳои мақсадок: даромад, тахассус, касб/маълумотокӣ ва системаи дастрас намудани намуди кӯмакҳо тартиб дода шуд. Ба ғайр аз ин саволҳои гузоришкардашуда миқдори муошират бо шавҳар ва саволҳои кушода барои гирифтани маълумоти иловагӣ ва шарҳи онҳоро дар бар гирифт. Далелҳои ҷамъ оварда кодировка карда шуда, аз рӯи он бо истифодаи системаи махсуси оморӣ (SPSS) таҳлил гузаронида шуд.

**Манбаҳои иловагӣ:**

- Маълумоти Кумитаи Давлатии Омори Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Маълумотҳои тадқиқотҳои СБМ оиди интиқолӣ маблағ;
- Маълумоти дигар оҷонсиҳои байналмиллалӣ;
- Маълумотҳои воситаҳои ахбори умум;
- Маълумотҳои дигар тадқиқотҳои соҳаи муҳоҷирати меҳнати гузаронидашуда: Саодат Олимова, Игорь Боск «Муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон".СБМ дар ҳамкорӣ бо Маркази илмӣ тадқиқотии "Шарқ" июли с 2003; Саодат Олимова, Ҷамшед Куддусов «Оилаҳои муҳоҷирони Тоҷикистон: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо». СБМ, Хисоботи аналитикӣ, с.2007; П.Хакимов и М.Махмадбеков (2009), «Динамикаи иқтисодии интиқоли маблағҳои мухоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон», ҳисобот аз рӯи тадқиқотҳои интиқоли маблағҳо ва ченакҳои сатҳи зиндагӣ (TLSMS, августи с 2008.), СБМ, Апрель с 2009;
- «Тадқиқот оид ба вазъияти иқтисодии оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар минтақаҳое, ки бештар шиддатнокии муҳоҷираташон баландтар аст ва шавҳарони онҳо берун за ҳудуди ҷумҳурӣ кор мекунанд», 2006, Донишкадаи демографияи Академияи фанҳои Тоҷикистон;
- Далелҳои мусоҳибаҳои пешакӣ, ки дар аввали ин тадқиқот гузаронида шуд

**1.6. Фарогирии ҷуғрофии пурсидашудагон аз рӯи минтақаҳо.**

Бо сабаби хурд будани ҳаҷми ин тадқиқот, маҳдудияти вақт ва маблағ барои гузаронидани мусоҳибаҳо ҷойҳое интихоб карда шудаанд, ки дар он аҳолӣ аз имкониятҳои марказҳои иттиолоти барои муҳоҷирони меҳнатии СБМ истифода мебаранд. Мусоҳибаҳо дар 5 минтақа гузаронида шудаанд: Душанбе, вилояти Суғд, вилояти Хатлон, Ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурӣ, Вилояти мухтори Бадахшони кӯҳи (ВМБК).

**1.7. Гурӯҳҳои мақсадноки аҳолӣ**

Барои гузаронидани мусоҳиба аз тарафи марказҳои минтақавӣ ҳамагӣ 77 нафар занҳои муҳоҷирони меҳнатие, ки аз тарафи шавҳарашон фаромӯш карда шудаанд, интихоб шудаанд. Дар зери фаҳмиши «занҳои фаромӯшкардашуда» занҳое дар назар дошта шудаанд, ки шавҳаронашон аз Тоҷикистон ҳамчун муҳоҷирони меҳнатӣ баромада рафтаанд ва ё ба хона барнагаштаанд, ё ин, ки маблағ нафиристодаанд, ё ин баъди чанд вақти аз хона баромада рафтан бо оилаи худ муошират накарданд ва дар тамос набудаанд. Занҳои онҳо бо шавҳарони худ дар тамос нестанд, онҳо намедонад, ки дар айни ҳол дар хориҷ шавҳаронашон дар куҷо зиндагӣ ба сар мебаранд. Ин занҳо дар марказҳои иттилоотии муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун занҳое маълум ҳастанд, ки аз шавҳаронашон ягон кӯмак намегиранд, аз онҳо ягон ахбороте надоранд ва ҷои зисти шавҳарашонро низ намедонанд. Ҳамаи занҳои мусоҳибашуда синни аз 18 боло буданд ва дар пурсиш бо хоҳиши худ иштирок намудаанд ва занҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҳастанд. Далелҳои шахсии онҳо махфӣ нигоҳ дошта шудаанд.

**1.8. Гурӯҳи мақсаднок**

Дар тадқиқот усули ғайрирепрезентативӣ ва усули зиёдшавии пурсидашудагон истифода бурда шуд - занони муҳочирони меҳнатие, ки аз хизматрасонии марказҳои дастгирии муҳоҷирони СБМ дар байни аҳолӣ истифода мебурданд ва дар асоси интихоби аҳолии мавҷудбуда (занони муҳоҷирони меҳнати), шахсоне, ки ин марказҳоро медонистанд, инчунин маълумоти васлие, ки аз тарафи баъзе пурсидашудагон дода шуданд. Аз сабаби маҳдудияти

вақт, миқдори пурсидашудагон 77 нафарро ташкил додааст. Чунин интихоби пурсидашудагон барои пайдо намудани тасавуроти зарурӣ оиди гуруҳи мақсаднок, хулосабарорӣ ва характеристикаи занҳои фаромӯшшудаи муҳоҷирони тоҷик шароит фароҳам овард.

**1.9. Мусоҳибаҳои пешакӣ.**

Пурсишнома барои гузаронидани мусоҳиба бо маркази ҳамкории СБМ дар Ҳисор санҷида шуд. Се зан пурсида шуданд: мусоҳибон дар асоси хусусиятҳои тавсифии онҳо, ки ба мавзӯи тадқиқот вобаста буд, ҷудо карда шуданд, мусоҳибаҳои пешакӣ бо мақсади санҷидани эътимоднокии пурсишномаҳое, ки дар корҳои саёрӣ истифода мешаванд, гузаронида шуда буданд.

**1.10. Корҳои саҳроӣ**

Ҳамаги 77 нафар занҳои муҳоҷирони меҳнатие, ки аз тарафи шавҳаронашон фаромӯшудаанд, аз ноҳияҳои номбурда пурсида шудаанд. Интихоби пурсидашудагон моҳи май-июни соли 2009 ба воситаи ташкилоти СБМ (ш.Душанбе) барои гузаронидани мусоҳиба дар ш.Душанбе, ба воситаи Марказҳои иттилоотии СБМ дар ноҳияҳои Хатлон, Суғд, ВМБК ва инчунин ба воситаи он занҳои пурсидашудае, ки дигар занҳоеро, ки дар чунин ҳолат буданд медонистанд , интихоб карда шудаанд.

Се тадқиқот бо гуруҳи мақсаднок бо ҳамоҳангсозони ташкилоти СБМ дар ш Хоруғ, Кӯлоб, Хуҷанд гузаронида шуд. Мусоҳиба бо мутахассисони соҳаи гендерӣ оиди ин масъалаҳо бо намояндагони Лигаи занҳои ҳуқуқшинос ва Ассотсиатсияи занҳои олима, рӯзноманигор Мукаммала Одинаева гузаронида шуд.

**1.11 Маҳдудиятҳои тадқиқот**

Таҳлили миқдорӣ нисбатан натиҷаҳои дақиқтар медод, вале гузаронидани он дар айни замон бо сабабҳои маҳдуд будани вақт, норасоии маълумотҳои оморие, ки аз мақомотҳои давлатии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ гирифта мешаванд, набудани имконият ё гузаронидани пурсиш дар сатҳи миллӣ ғайриимкон буд. Аз ҳамин сабаб аз аввал баҳодиҳии босифат бо роҳи ҷамъи мусоҳибаҳо дар ин даври тадқиқот мувофиқи мақсад дониста шуд. Таҳлили миқдории гурӯҳи марказии «занҳои фаромӯшшуда» мутлақо дар асоси баҳои худи таҳлилгар асос меёбад, ба назардошти натиҷаҳои тадқиқот ва пурсишҳои пеш гузаронидашуда.

**1.12 Мафҳумҳо**

**Занҳои фаромӯшшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ** - зани муҳоҷири меҳнатӣ , ки шавҳари ӯ ба хориҷа сафар кардааст ва ё ин, ки аз шавҳари худ интиқоли пулӣ намегирад (ё ин ки миқдори ками онро мегирад), намедонад, ки шавҳари ӯ дар куҷост ва бо ӯ ягон робита надорад.

**Хоҷагидорӣ**- як ё якчанд шахс, хешовандоне, ки якҷоя зиндагонӣ мекунанд ва буҷаи умумӣ мебаранд.

**Муҳоҷирӣ меҳнатӣ**- шахсе, ки дар хориҷ, берун аз сарҳад дар корҳои мавсимӣ ё доимӣ кор мекунад.

**Интиқоли пулӣ**- даромаде, ки аз тарафи муҳоҷирони меҳнатии дар хориҷ буда фиристода мешаванд ва аз тарафи хоҷагидорон дар ватан қабул карда мешавад.

## Банди 2. Шарҳи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон.

### 2.1 . Контексти таърихӣ.

Муҳоҷират, хусусан меҳнатӣ дар таърихи Тоҷикистон зуҳуроти нав нест. Дар гузаштаи наздик раванди муҳочиратро дар аввал вобаста ба сари қудрат омадани болшевикон ва пас ба сиёсати Шӯравӣ гузаштани он, дидан мумкин аст. Масалан, бисёри тоҷикон аз болшевикон тарсида ба воситаи Амударьё дар аввали асри 20 ба Афғонистон муҳоҷират карданд[1] ҳангоми ягонашавии Осиёи Миёна дар таркиби Иттифоқи Шуравӣ: сиёсат оиди шаҳришавии марказҳо ва рушди марказҳои алоҳидаи хоҷагии қишлоқ ва марказҳои истеҳсолӣ ба ҷойивазкунии ҳазорон одамон оварда расонид. Бисьёр мутахассисон аз дигар қисмҳои Иттиҳоди Шуравӣ ба ин ҷо бо мақсади омӯзонидани аҳолии маҳаллиро аз рӯи технологияҳои нав, ташкил намудани сохтори нави маориф ва истеҳсолот оварда шудаанд. Бисёри тоҷикон ба дигар ҷойҳо (дар баъзе мавридҳо бо тамоми аҳолии деҳа) барои сохтани каналҳои обьёрикунанда, колхозҳо, корхонаҳои саноатӣ, инчунин ба дигар қисмҳои ИҶШС барои кор дар дигар лоиҳаҳо, масалан, барои сохтани роҳи оҳан кучонида шуданд.

Пас аз барҳам хурдани Иттифоқи Шуравӣ Тоҷикистон истиқлолият ба даст оварда ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронид ва гузаришро ба низоми навӣ иқтисодиёт оғоз намуд. Модели шуравӣ, ки дар асоси идоракунии марказонидашудаи иқтисодӣ ва сиёсӣ асос ёфта буд, вазъи иқтисодӣ-иҷтимоиро иваз намуд. Даври пас аз истиқлолият бо мавҷи нави муҳоҷират аз кишвар тавсиф меёбад, он аз муҳоҷирати этникӣ оғоз меёбад (русҳо, немисҳо, яҳудиҳо ва онҳое, ки ба ин ҷо дар давраи Шуравӣ омада буданд ) ва бо муҳоҷиршавии истиқоматкунандагони шаҳрхо ва деҳаҳо, муҳоҷирони доимӣ, гурезаҳо аз Афғонистон ва дар охир муҳоҷирони меҳнатӣ [2] (расми 1) давом дод.

**Расми 1 Муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун фоиз аз ҳисоби умумии аҳолӣ дар соли аввали муҳоҷират.**




**Равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ аз давраи ба даст овардани истиқлолият. Маълумотҳои тадқиқотии СБМ «Динамикаи иқтисодии интиқоли пулӣ аз муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон» апрели соли 2009, саҳ. 91.**

Низоми иқтисодии Шуравӣ барои Тоҷикистон муфид буд, азбаски он сохтори /инфраструктураи/ хуберо бунёд карда буд, ки шаҳрвандони худро аз тарафи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ

1. Моника Уитлок «Замин: пас аз дарё: Таърихи ногуфтаи Осиёи Миёна». St. Martin Press. NY 2002, сах. 53

2. Саодат Олимова: Игор Боск «Муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон», СБМ дар ҳамкорӣ бо маркази илмӣ-тадқиқотии «Шарқ», июли соли 2003.

ҳифз менамуд. Баробарии зану мард, омӯзиши касбӣ ва ҷойгиркунӣ, инчунин ҳуқуқ ба гирифтани маълумот хусусиятҳои асосии ин низом буданд, гарчанде маҳдудиятҳои муайяне ҳам ҷой доштанд. Яке аз хусусияташ ин бовафогӣ ба Ҳизби Коммунистӣ ва давлат буд. Ба ғайр аз ин озодии муҳоҷират аз ҳудуди ИҶШС сахт маҳдуд карда шуда буд. Бо барҳам хурдани Иттифоқи Шуравӣ давраи таъминоти иҷтимоӣ-иқтисодии марказонидашуда ба охир расид ва Тоҷикистон маҷбур шуд, ки барқарорсозии худро дар соҳаи иқтисодиёт, мустақилона сохторҳои (инфраструктураи) иҷтимоӣ ва давлатии худро таъмин ва дастгирӣ намояд, инчунин талаботҳои аҳолии худро қонеъ кунонад.

Иқтисодиёти Тоҷикистон дар давраи ба дастоварии истиқлолият соли 1991 дар пахтакорӣ, хоҷагии қишлоқ, коркарди саноати нассоҷӣ, коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва инчунин дар истеҳсоли алюминий, семент, барқ (Роғун: Вахш: Норак) асос ёфт. Бо истифодаи роҳҳое, ки дар давраи аввали ташаккулёбии Иттифоқи Шуравӣ сохта шуда буд, маҳсулоти истеҳсолкардашуда то соли 1991 барои савдои дарунӣ ба тамоми ИҶШС тақсим карда мешуд. Роҳҳои сохташуда барои савдои берунаи маҳсулоти истеҳсолкардашудаи Тоҷикистон истифода бурда намешуд. Дар с. 1991 дар Ҷумҳурӣ 2908 корхонҳои истеҳсолӣ фаъолият менамуд, ММД бошад ба дӯши аҳолӣ ба 400 доллари ИМА баробар буд, сатҳи шуғли аҳолӣ 78% ва саводнокӣ 96,7%-ро ташкил медод[1]. Бояд қайд намуд, ки гарчанде, ки ҳаҷми ММД паст бошад ҳам, индекси тараққиёти инсонии Тоҷикистон 0,729-ро ташкил медод. Ин нишондодҳо нисбати давлатҳои Эрону Туркия баландтар буда дар байни мамлакатҳое, ки "даромади миёна" доштанд сатҳи миёна ҳисоб меёфт[2]. Ин дастовардҳо натиҷаи солҳои Шӯравӣ буд, ки ба маориф, баробарии зану мард (баробарии гендерӣ) ва дигар масъалаҳои рушди иҷтимоӣ диққати калон дода мешуд. Ба ин нигоҳ накарда Тоҷикистон иқтисодиёти паст дошт ва тараққиёти он аз дигар Ҷумҳуриҳои ҳамсоя қафомонда ҳисоб меёфт.

Бо сабаби он, ки истеҳсоли саноат каммуфид буд ва захираҳои табиии нокифоя ва дастнорас буданд (углеводородҳо) Тоҷикистон маҷбур буд, ки барои дастгирии сохтори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ (то 40% аз сатҳи ММД дар солҳои охири 80) ёрдампулӣ (субсидия) гирад[3]. Тоҷикистон ҳамчун дигар Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар аввали солҳои 20-ӯм аз таъсис додани сохторхое (инфратруктураҳое), ки аз ин қабл дар Тоҷикистон вуҷуд надошт, бурд ҳосил кард. Азбаски ин сохтори кудратӣ барои дастгирии саноати Иттифоқи Шӯравӣ омода шуда буд, бе дастгирии давлатӣ (субсидия) ноустувор буд ва барои дастгирии системаи нави иқтисодӣ дигаргуниро талаб мекард.

Барҳам хурдани ИҶШС, ҷанги шаҳрвандӣ, офатҳои табиие, ки дар солҳои аввали истиқлолият ба вуҷуд омаданд барои Тоҷикистон фалокатовар буданд. Ин рӯйдодҳо ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ оварда расонид. Субсидияҳои зарурие, ки аз Маскав ворид мегашт, қатъ карда шуд. Муносибатҳои хариду фурӯш ва истеҳсолие, ки бо Русия ва дигар Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ вуҷуд дошт пароканда шуданд ва фазои холии (вакууми) иқтисодӣ пайдошуда дар сари вақт ба маблағҳои маҳаллӣ, хориҷӣ, хусусӣ ва давлатӣ пур карда нашуд. Дар натиҷа дар Тоҷикистон бӯҳрони иқтисодӣ бошиддат авҷ гирифт, ки ин ба тамоми соҳаҳои ҷамъият таъсир намуда бекорӣ, пастшавии қурби пул ва қашшоқиро овард. Имтиёзҳои иҷтимоӣ, ки ба аҳолӣ имкониятҳои дастрас будани тандурустӣ ва маорифро фароҳам меоварданд ва аз тарафи Маскав дастгирӣ карда мешудаанд ба сатҳи пастшавӣ рафт ва дар натиҷа имконятҳои дастрас будани ин имтиёзҳо аз байн рафт.

---

1. Саодат Олимова, Ҷамшед Қуддусов. «Оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли он». Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат (ТБМ), гузориши таҳлилӣ, с. 2007., саҳ.17.

2. Бонки Рушди Осиё, «Маълумоти кӯтоҳ оиди давлат – Занҳо ва муносибатҳои гендерӣ дар Тоҷикистон» http://www.adb.org/Documents/Books/Country_Briefing_Papers/Women_in_Tajikistan/chap_01.pdf

3. Джейн Фэлкингэм. «Манзараи камбизоатӣ дар Тоҷикистон», маводҳои корӣ 39, апрели с. 2000 , саҳ 2, 4.

Беқобилиятии ҳукумат барои маблағгузорӣ дар соҳаи иҷтимоӣ на танҳо сатҳи зиндагонии одамонро паст намуд, балки парокандагии байни ҷинсҳоро ( марду занро) низ зиёд намуд. Кафолати таъминот дар соҳаҳои истеҳсолии давлатӣ ба монанди истеҳсоли алюминий, хоҷагии қишлоқ ва дигарҳо ногаҳон аз байн рафт, истеҳсолоте, ки субсидиҳои худро гум кард маҷбур шуд, ки дар шароити истиқлолият барои барҳам нашудан, ҳаҷми истеҳсолотро паст намояд. Бозори дохила таъминоти шуғлро қонеъ карда наметавонист. Ҳамчун оқибати он дар сатҳи баланди инфлясия ҳаҷми ММД дар соли 1991 нисбати соли 1989 то 40 % паст шуд[1]. Инчунин ҳатман қайд кардан лозим аст, ки Тоҷикистон аз сабаби мавқеи топографии худ ва набудани имкониятҳои воситаҳои таъминоти содирот ва воридоти арзон (экспорт ва импорт), роҳҳо дар шароити мушкил аст, зеро ин душвориҳо барои фароҳам овардани имкониятҳои васеи хариду фурӯш дар мамлакат монеъ шуда истодааст. Масъалаи дигаре, ки ба ташаккули иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, амалӣ намудани ислоҳоти тиҷорати хурд ва миёна таъсир мерасонд ин коррупсия аст. Коррупсия дар Тоҷикистон ҳатто дар давраи Шӯравӣ низ мавҷуд буд: лекин дар сохтори нави сиёсӣ, ки пас аз ҷанги шаҳрвандӣ барқарор шуд, зиёдтар шуд. Дар с. 2007 Тоҷикистон 150-ум ҷойро дар ҷаҳон оиди коррупсия ишғол намуд. (чи қадаре, ки ҷои ишғолкарда дар сатҳи паст бошад, коррупсия дар сатҳи баланд мешавад), яъне Тоҷикистон ба ҳисоби мамлакатҳое дохил буд, ки бисьёртар ба он гирифтор буд.[2] Коррупсия на танҳо барои пешравии маблағгузории маҳаллӣ монеагӣ мерасонад, балки барои воридсозии маблағҳои хориҷии ҳаётан зарур низ монеа мешавад.

Гарчанде, ки дар натиҷаи дигаргуниҳои демографӣ дар Тоҷиикистон сатҳи таввалудшавӣ паст шуда истода бошад ҳам, шумораи аъзоёни оила зиёданд ва оилаҳо калонанд. Дар мавриде, ки ҷойҳои корӣ каманд ва сатҳи маош паст аст шумораи зиёди аъзоёни оила фишори иловагиро ба ҷиҳати устувории молиявии оила мерасонад. Ҳамин тариқ камбизоатӣ дар бисьёр хоҷагиҳо қарор дорад ва аз сабаби набудани имкониятҳои интихоби маоши дуруст ё шуғл бештарии мардон маҷбуранд, ки зан ва оиларо дар хона монда ба мухоҷирати мехнатӣ рӯ гардонанд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар давоми якчанд муддат ҳамчун яке аз намудҳои фаъолияти ҷалбкунанда ва бартарӣ дошта барои бештарии мардони Тоҷикистон мемонад. То он вақте, ки ҳукумат нақшаи барқарорсозии саноат ва ислоҳоти соҳаи тиҷорат ва савдоро, ки ҳавасмандиро ба миён меорад, ташаккул надиҳад, вазъият дигаргун намешавад.

**2.2 Характеристикаҳои демографии муҳоҷирати меҳнатӣ**

Аз рӯи тадқиқотҳои интиқоли маблағҳо СБМ дар соли 2008 шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ дар собиқ ҷумҳуриҳои Шӯравӣ кор мекунанд ва дар навбати аввал дар Русия (97,6%). Зиёда аз 60% (с 2007) ва 74% (дар 8 моҳи аввали с 2008) хоҷагиҳо рӯ ба муҳоҷирати меҳнатӣ гардониданд.[3] Аз сабабҳои мавҷуд будани ҷамъияти тоҷикон (диаспора), таҷрибаи дигар одамон (хешу табор, ҳамсояҳо, рафиқон), аз дигар ҷиҳат донистани забон, мавҷудияти талабот ба қувваи кории беихтисос, воситаҳои нақлиёт ва набудани реҷаи раводид, беҳтарин самт барои муҳоҷирати меҳнатӣ Русия мебошад. Ҳисоби умумии муҳоҷирони меҳнатие, ки расмӣ ба қайд гирифта шудаанд 429 995 нафарро ташкил медиҳад. Тақсимот ба минтақаҳои Тоҷикистон ва ҷои кор дар ҷадвали поён нишон дода шудааст (расми 2). Бояд қайд кард, ки созмонҳои байналхалқие, ки дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ фаъолият менамоянд, ба

---

1. Джейн Фэлкингэм. «Манзараи камбизоатӣ дар Тоҷикистон», маводҳои корӣ 39, апрели с. 2000 , саҳ 2, 3, 4.

2 Фонд "Наследия" Индекси озодии иқтисодӣ http:\\www.heritage.org.\index\Country\Tajikistan

3. П. Хакимов, М. Махмадбеков «Динамикаи иқтисодии интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон», ҳисобот оиди тадқиқот «Омузиши интиқоли маблағҳо аз рӯи ченакҳои хаёти "(TLSMS, августе с 2008 ), СБМ, Апрели с 2009 , саҳ.56.

далелҳои миқдори муҳоҷирони меҳнатӣ бо назардошти ба қайд нагирифташудагон аз 800 000 (СБМ 2009) то 1 000.000 ҳисоб мекунанд.[1]

**Расми 2. Муҳоҷирати меҳнатӣ дар вазъи моҳи июли с. 2008.**

| Минтақа | Ҳамагӣ | Аз онҳо | | Самти муҳоҷирӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | мардон | занон | Руссия | Қирғи-зистон | Казо-қистон | Украи-на | Дигар Мамла-катҳои ДММ | Дигар мамлакатҳои хориҷ |
| **Душанбе** | 6 374 | 4 452 | 1 922 | 4 786 | 413 | 490 | 685 | | |
| **ВМБК** | 21 581 | 17 852 | 3 729 | 20 494 | 355 | 318 | 187 | 112 | 115 |
| **Хатлон** | 140 694 | 130 753 | 9 941 | 128 465 | 2 672 | 6 557 | 1 743 | 1 112 | 145 |
| **Сугд** | 158 407 | 137 295 | 21 112 | 149 437 | 1 547 | 4 530 | 1 061 | 1 796 | 36 |
| **РТҶ** | 102 939 | 98 284 | 4 655 | 98 985 | 1 326 | 1 714 | 397 | 465 | 52 |
| **Ҳамагӣ** | 429 995 | 388 636 | 41 359 | 402 167 | 6 313 | 13 609 | 4 073 | 3 485 | 348 |

**Маълумотҳои Агентии Давлатӣ оид ба ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Душанбе, июли с.2008.**

Зиёда аз 95 % муҳоҷирони меҳнатии тоҷик мардҳо ҳастанд, чунки мутобиқи расму анъанаҳо ва фарҳангии ҷомеаи тоҷикон мард бояд барои беҳдошти зиндагӣ пул дарёфт намояд, зан бошад ба корҳои хонадорӣ ва анъанавии худ машғул шавад. Баъзе аз муҳоҷирони меҳнатӣ зиёда аз 1 сол дар хориҷ кор мекунанд (26%)[2], аз онҳо: соҳиби зан ва фарзанд (77,9%) ҳастанд, (52%) мақоми расмӣ надоранд[3] ва дар корҳои мавсимӣ ё муваққатӣ (1-12 моҳ) берун аз Тоҷикистон кор мекунанд, одатан онҳо баҳор меравандy тирамоҳ бармегарданд. (расми 3). Бисьёриҳо пурра кӯчида мераванд, дар аксар мавридҳо бо занҳои рус ё дигар занҳои маҳаллӣ оилаи нав барпо мекунанд.

1. Эрика Мират “ Кам шудани интиқоли маблағҳо муҳоҷирати меҳнатиро аз Осиёи Марказӣ зиёд менамояд”. Институти Осиёи Марказӣ ва Кавказ.http:WWW.cacianalyst.orgҷq=nodeҷ5035

2. П. Хакимов, М. Махмадбеков. «Динамикаи иқтисодии интиқоли маблағҳо и муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон», ҳисобот оиди татқиқот «Омӯзиши интиқоли маблағҳо аз рӯи ченакҳои хаёти» (TLSMS, августе с 2008 ), СБМ, Апрели с 2009 , саҳ. 70.

3. Шахсоне, ки мақоми ғайрирасмӣ доранд, шахсоне мебошанд, ки талаботҳои иммиграсиониро иҷро мекунанд, вале барои қонунӣ кор кардан аз қайд нагузаштаанд.

**Расми 3. Давомнокии дар хориҷа будани муҳоҷирони меҳнатӣ, с 2003-2007**




**Маълумот аз ҷадвали омӯзиши интиқоли маблағ, СБМ, с. 2008.**[1]

Қисми асосии муҳоҷирони меҳнатӣ ин сокинони минтақаҳои Тоҷикистон, яъне аҳолии деҳот ва шаҳрҳое мебошанд, ки ҷойҳои корӣ вуҷуд надорад. Гурӯҳҳои сину солии то 30 сола (46%), аз 31то 39 ( 31%) ва аз 40 сола ( 24 % ) ташкил медиҳад. (Нигаред ба ҷадвали 4).

Мувофиқи далелҳои СБМ (Ҳокимов, Маҳмадбеков- с 2009) дар бисьёр ҳолатҳо оилаҳо якҷоя қарори ба муҳоҷирати меҳнатӣ машғул шуданро қабул мекунанд. Сабабҳои асосии ин ҳодиса бекорӣ, музди меҳнати паст, шароити бади иҷтимоӣ, набудани маблағ барои гирифтани маълумот, туй, хариди хона, баргардонидани қарз, таъминоти оила мебошанд. Ҳисоботи таҳлилӣ оиди тадкиқоти оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар соли 2007 гузаронида шуда буд, нишон дод, ки қарори муҳоҷир шуданро худи муҳоҷир бо ҳамроҳии ҳамсараш ё падару модараш қабул мекунад. Лекин дар қабули чунин қарор фикри ҳамсар нисбати фикри падару модари шавҳар аҳамияти нисбатан камтар дорад.[2] Сарчашмаҳои асосии маблағҳои сафар ба хориҷа чунинанд: оила (59,4 %), захираҳои шахсӣ (16,3%), рафиқон (13,7%), бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳандаи хурд (7,2%) ва ҳамсояҳо (3,4%).

Соҳаҳои асосие, ки дар онҷо муҳоҷирон аз Тоҷикистон машғуланд чунинад: сохтмон (50,7%), хизматрасонӣ (25,9%) ва истеҳсолот (11,3%).[3] Онҳо дар хона оилаҳои худро гузошта мераванд ва бисьёрии онҳо ба хона маблағ мефиристонанд (асосан бо воситаи бонкҳо) барои қонеъ гардонидани талаботҳои аввалиндараҷа. Муҳоҷирони меҳнатӣ аз тамоми ноҳияҳои мамлакат барои муҳоҷирати меҳнатӣ раҳсипор мешаванд, лекин бештари онҳо аз вилояти Суғд (36,8%) ва Хатлон (32,7%) мебошанд, яъне аз он минтақаҳое, ки дар он ҷо бештарии аҳолӣ (консентратсия) ҷой гирифтааст ва бисьёрии оилаҳо, оилаҳҳои калонанд.

Муҳоҷирони меҳнатӣ тақрибан 400 доллар дар як моҳ даромад доранд[4] ва вобаста аз он барои хароҷоти худ дар мамлакати будаашон сарф мекунанд, одатан аз 20% то 50 %-и

1. П. Хакимов, М. Махмадбеков. «Динаминкаи иқтисодии интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнати дар Тоҷикистон», «Ҳисобот оиди тадқиқот» (TLSMS, августи 2008 с.), МОМ, Апрел 2009 г., саҳ. 71.

2. Саодат Олимова, Игорь Боск. «Муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон». СБМ дар ҳамкорӣ бо маркази илмӣ тадқиқотии «Шарқ», июл с 2003 г, саҳ. 41.

3. Саодат Олимова, Игорь Боск. «Муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон». СБМ дар ҳамкорӣ бо маркази илмӣ тадқиқотии «Шарқ», июл с 2003 г, саҳ. 41.

4. Аз руи далелхои СБМ, даромади миёна 412 доллари ШМА-ро дар як моҳ ташкил медихад, аз маводҳои Мизи мудаввари СБМ « Таъсири бухрони молиявии ҷаҳони ба муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон» Марти с. 2009. http://www.iom.tj/publications/Overview%20of%20LM%20in%20Sughd_Eng.pdf.

П. Хакимов ва М. Махмадбеков дар татқикоти худ аз с. 2008 даромади муҳоҷиронро дар ҳаҷми 387 доллар қайд намудаанд. П. Хакимов и М. Махмадбеков, саҳ. 54.

даромади худро ба хонаҳояшон мефиристонанд.[1] Хароҷоти муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷ чунинанд: хароҷот барои ҷои зист (хӯрока, ашьёҳои лозимии якӯминдараҷа, иҷорапулӣ), хароҷоти нақлиёт, пора (ба коркунони сарҳад, милитсия, гурӯҳи шахсии худ, ки барои ба кор даромадан ёрӣ расонид) ва дастгирии оилаи дигар. Инчунин исбот карда шудааст, ки ҳаҷми интиқоли пулӣ кам шуда истодааст, вобаста ба мӯҳлате , ки муҳоҷир дар мамлакати қабулкардашуда кор кунад. Бо суханони дигар гӯем, чи қадаре, ки муҳоҷирон дертар ва бисёртар дар мамлакатҳои берун аз кишвар монанд, ҳамон қадар ҳаҷми маблағҳои мефиристодаашон камтар мешавад,[2] мумкин аз он сабабе, ки хароҷоти онҳо зиёдтар мешавад ва ё онҳо соҳиби оилаи нав мешаванд, ё қарор қабул мекунанд, ки дар он мамлакат монанд.

**Расми 4. Тавсияи муҳоҷирати меҳнатӣ**

| Омор оиди муҳоҷирони меҳнатии тоҷик | Муҳоҷирони меҳнатӣ дар Руссия |
|---|---|
| • 800 000 муҳоҷирони меҳнатӣ<br>• 97,6% дар Руссия кор мекунанд<br>• 95,3% мардон<br>• 77,9% зан доранд ва 3-4 нафар кӯдак<br>• 72% аз деҳот<br>• 46% синни то 30 сола<br>• 31% аз синни 31 то 39 сола<br>• 24% аз сини 40 с ва аз он зиёд<br>• 5,9% муҳоҷирони тоҷик ба ҳамроҳии занҳояшон Тоҷикистонро тарк мекунанд<br>• 52% мақоми расмӣ надоранд<br>• 58% иқтисодиёти миллӣ аз интиқоли пулӣ вобаста аст (маълумотҳои Фонди Байналмилалии Асрор (ФБА) барои соли 2008) | • 49% дар вилояти Москва кор мекунанд<br>• 14% дар округи федералии Сибирь<br>• 11% дар Урал<br>• 10% дар округи федералии Приволжск<br>• 5% дар Санкт-Петербург |

**Маълумотҳои Агентии давлатӣ оид ба ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Душанбе, дар ҳолати вазъи то 1 июли соли 2008 ва СБМ Тоҷикистон**

### 2.3. Интиқоли маблағҳо

Интиқоли маблағҳо аз муҳоҷирони меҳнатӣ ба оилаҳои Тоҷикистон таъсири хуб мерасонанд, ки дар натиҷаи он сатҳи камбизоатӣ паст мешавад ва сифати зиндагӣ ва меъёрҳои он беҳтар мешавад. Мувофиқи далелҳои кормандони ташхисии Бонки Умумиҷаҳонӣ “ Тоҷикистон аз ҷиҳати таносуби интиқоли маблағҳо ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилаи Тоҷикистон дар ҷаҳон дар ҷои якӯм мебошад». Ба шарофати ин сатҳи камбизоатӣ то с 2008 - 2 маротиба кам шудааст. [3]

Чи тавре, ки дар боло зикр шуда буд, ҳаҷми маблағҳои фиристодашуда вобаста аз ҳароҷотҳои кардашуда ва мӯҳлати давомнокӣ дар муҳоҷират будан вобаста аст. Тадқиқот оиди мавзӯи “Муҳоҷират, шаҳришавӣ (урбанизасия) ва аҳолии деҳот “, ки аз тарафи Донишкадаи демографияи Академия улум гузаронида шуда буд, нишон медиҳад, ки ҳар сол муҳоҷирони меҳнатӣ ба хонаҳояшон аз 2000 USD (25,9%), 1000 (25,4%), 500 (22,4%) 200(7,3) ва 100доллар (4,9%) мефиристонанд. Баъзеҳо зиёда аз 2000 доллари ИМА (11,2%) ва дигаре тамоман маблағе намефиристонанд (2,9%)Ниг.барасми5.

1. П. Хакимов ва М. Махмадбеков дар татқикоти худ аз с. 2008 даромади муҳоҷиронро дар ҳаҷми 387 доллар қайд намудаанд. П. Хакимов и М. Махмадбеков, Саҳ 56.

2. П. Хакимов, М. Махмадбеков. «Динамикаи иқтисодии интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон», ҳисобот оиди тадқиқот «Омӯзиши интиқоли маблағҳо аз рӯи ченакҳои хаётӣ» (TLSMS, августи с 2008 ), СБМ Апрели с 2009 , саҳ.58.

3. Судхаршан Канагараджа. Иқдтисодчии калони Б.У. Точикистон . Маводҳои Мизи мудаввари оиди таъсири бӯҳрони молиявӣ ба муҳоҷират дар Тоҷикистон. Душанбе 13 14 марти с. 2009

Интиқоли маблағҳо бештар ба падару модари муҳоҷир, на балки ба зан фиристода мешаванд. Маблағҳои дастрасшуда барои мақсадҳои гуногун сарфа карда мешаванд ва пеш аз ҳама барои таҷҳизот ва лавозимоти аввалиндараҷа (хӯрока, маълумоти кӯдакон, либос, саломатӣ ), таъмири хона, сохтмони хона, туйҳо, барои гирифтани маълумоти олӣ ва дар баъзе мавридҳо барои таъсиси тиҷорати шахсӣ равона карда мешаванд. (Ҳакимов, Махмадбеков с 2009). Агар бо дигар суханҳо гӯем, интиқоли маблағҳо барои ҳар як тарафи иқтисодии ҳаёти оила зарур аст, зеро дар дохили мамлакат ҷойҳои корӣ нест ва маошҳо барои нигоҳубин ва зисти оила ниҳоят каманд. Ба ғайри пул оилаҳо аз муҳоҷирон хӯрока, либос, техникаи электронӣ мегиранд, ки онҳоро худи муҳоҷирон ё рафиқонашон дастрас менамоянд. Бинобар ин ҳаҷми маблағҳои фиристодашуда метавонд зиёдтар ҳам шавад.

**Расми 5. Ҳаҷми интиқоли маблағҳое, ки ҳар сол аз тарафи муҳоҷирони меҳнатӣ ба хона фиристода мешавад.**




**Ҷадвали Донишкадаи демографияи Академия улуми Тоҷикистон. «Тадқиқот оид ба вазъи иқтисодии оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар минтақаҳое, ки шиддатнокии муҳоҷирати меҳнатӣ баланд аст ва шавҳарони онҳо берун аз ҷумҳурӣ кор мекунанд» с. 2006**

**Банди 3. Занҳои фаромӯшшудаи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик.**

**3.1. Интиқоли маблағҳо ва нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

Муҳоҷирати мардон аз деҳот ва шаҳрҳои Тоҷикистон ба мамлакатҳои дигар барои кор сатҳи зиндагӣ, ӯҳдадорӣ ва ҷавобгарии занҳои дар хона мондаро тағйир дод. Ҳангоме, ки мард, дар давоми моҳҳои зиёд ва ҳатто солҳо дар дигар мамлакат фаъолият менамояд, зан на танҳо вазифаи соҳибхонаро, балки дигар вазифаҳоро низ бу дӯши худ гирифт, аз он ҷумла: тарбияи фарзандон, нигоҳубини калонсолон, нигоҳубинии хона, буҷа, кор дар замини назди ҳавлигӣ ва нигоҳубини чорвои хона. Агар ҳаҷми интиқоли маблағ кам шавад, ё тамоман фиристода нашавад, набудани имкониятҳо барои дар тамос будан бо шавҳар, надоштани маълумот оиди зисти шавҳар ҳолати занро боз ҳам бадтар мекунад. Ҳамчун дар дигар мамлакатҳо муҳоҷирати мардони Тоҷикистон ба феминизатсияи бисьёр соҳаҳои ҷамъият, аз он ҷумла дар соҳаи хоҷагии қишлоқ оварда расонид.

Дар вақти набудани мардҳо ба дӯши занҳо ӯҳдадориҳои иловагӣ зам мешавад, аммо ба ин нигоҳ накарда онҳо сардори хоҷагӣ ҳисоб шуда наметавонанд ва худашон маблағҳои фиристодаи шавҳарашонро гирифта сарф карда наметавонанд, агар онхо дар якҷоягӣ бо хешовандони шавҳарашон зиндагонӣ намоянд ва ё писарони калон дошта бошанд. Чи тавре, ки дар Мексика муҳоҷирати меҳнатӣ намуди нави муомилаи оилавиро таъсис дод, ки дар он хешони шавҳар мавқеи муайян ва устуворро ишғол менамоянд. (Каналес, 2005). Ба ин нигоҳ накарда занон тайёранд, ки худро фидоӣ кунанд ва ба мавқеи худ розианд, танҳо ба умеде, ки мард маблағи лозимӣ ба даст меорад ва ба оила кӯмак мерасонад, зеро, ки дар кишвари худ ҷои корӣ нест. Ғайр аз ин мувофиқи анъанаҳо арӯсон аввалан дар Тоҷикистон бо волидайни шавҳар зиндагонӣ менамоянд ва онҳо мақоми нави вобастагӣ доранд. Бо сабаби доштани ӯҳдадориҳои зиёди иловагӣ дар хона ва ё гирифтани маблағи ночиз, мӯҳлатҳои дароз дар тамос набудан бо шавҳар ва танхо будани занҳо дар ин ҳолатҳо гирифтори таъсири озурдагии ҷисмонӣ ва эҳсосӣ мешаванд. Ҳар рӯз онҳо дар фикри чи тарз оиларо хӯронанд, кӯдаконро ба мактаб фиристонанд, ёрии тиббиро дастрас намоянд ва маблағи коммуналиро супоранд, рӯз мегузаронанд. Онҳо инчунин метавонанд гирифтори муомилаи дағалонаи аъзоёни оила ва ё ҷинояткорон шаванд, дар зери фишори муаммоҳои молиявӣ - иқтисодӣ барои беҳдошти зист ба фоҳишагӣ, одамрабоӣ, хиёнат ба шавҳар кунанд.[1]

Умуман бисьёри муҳоҷирон ба хона маблағ мефиристанд ва қайд кардан лозим аст, ки миқдори маблағҳои фиристодашуда метавонад фарқият дошта бошад ва ин маблағҳои фиристодашуда барои оила ҳамчун манбаи асосии даромад мебошад. Каналес дар тадқиқоти худ «Роли интиқоли асъор дар муомилоти оилаҳои транснасионалӣ» қайд намудааст: ки дар мисоли Мексика (оне,ки дар давоми сад сол муҳоҷирати меҳнатиро дар ИМА аз сар гузаронид), « даромадҳое, ки аз тарафи муҳоҷирони меҳнатӣ ба даст дароварда шудааст, фонди музди меҳнатро тартиб медиҳад ва ҳамчун дигар воситаҳо барои талаботи ҳаррӯз ва барқарорсозии оила ва ҷамъият истифода бурда мешавад».[2]

Чи тавре, ки дар банди гузашта гуфта шуда буд, муҳоҷирон ба хона аз 20% то 50%-и даромадҳои худро мефиристанд (бо ҳисоби миёна 400 доллари ИМА дар як сол)[3], ин вобаста аст ба хароҷотҳои шахсие, ки онҳо дар мамлакати қарордошта сарф мекунанд, ба он

1. The Observer, 12 апрели с. 2009 . «Давраи сипаришудаи Шуравӣ дардро ҳис менамояд, дар холе ки бухрон дар русия шиддат мегирад». http://www.guardian.co.uk/world/2009/apr/12/russia-tajikistan-recession-guest-workers

2. Алехандро И. Каналес. «Роль денежных переводов в отношениях транснациональных семей». 2005 г., Университет Гвадалахары. Перевод статьи, опубликованной автором в книге под руководством Эрика Герассимо, «Международная миграция, мобильность и развитие», опубликованной в 2004 г. издательством L'Hartmattan, Париж, Франция.

3. П. Хакимов, М. Махмадбеков. «Динамикаи иқтисодии интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон», ҳисобот оиди тадқиқот «Омӯзиши интиқоли маблағҳо аз рӯи ченакҳои хаётӣ» (TLSMS, августи с 2008 ), СБМ Апрели с 2009 , саҳ.19.

хароҷотҳо дохил мешаванд: хароҷот барои рӯзгузаронӣ, пора додан, таъмини оилаи дуюм. Маблағи умумии интиқолҳо дар як сол аз 2000 доллари ИМА (11,2 %), то 2,000дол (25,9 %) 1,000 ( 25,4%) ,500 доллар (22,4%), 200 доллар (7,3 %) 100 (4,9%) ё ин ки тамоман маблағ интиқол нест (2,9%) (ниг. ба расми 5) фиристода намешавад. Агар интиқоли маблағҳо номунтазам фиристода шаванд, қонеъ кардани талаботҳои асосии оила мушкил мешавад, ин ҳолат аз мисолҳои овардашудаи занҳое, ки дар мусоҳиба иштирок намудаанд, муайян карда шуд. Чунин ҳолатҳо сабабҳое дорад: якум - зан интиқоли маблағро бевосита худаш гирифта наметавонад, ин вобаста ба муносибатҳои нав дар оила, ки баъди ба муҳоҷират рафтани шавҳар, сардории оила ба дӯши хешовандони шавҳар ё падару модари шавҳар мегузарад. Дуюм, ин маблағҳо мумкин аст танҳо барои хариди хӯрока ва ба мактаб фиристодани фарзандон бирасад. Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи зиндагии занон нисбати сатҳи камбизоатӣ на он қадар ҳам беҳтар мешавад, новобаста аз он, ки онҳо танҳо интиқолро аз муҳоҷирони меҳнатӣ мегиранд ё дигар кӯмакҳо аз тарафи шахси сеюм дастрас карда мешавад ва охирон, аз сабаби дохилшудани миқдори зиёди асъор аз интиқоли муҳоҷирони меҳнатӣ, паст будани сатҳи истеҳсолоти дохилӣ ва ҳаҷми зиёди воридот нархи мол ва ашё дар Тоҷикистон баланд мемонад.

Муҳимияти маълумотҳо оид ба интиқолҳо дар он аст, ки агар миқдори маблағҳоеро, ки дар давоми сол оилаҳо аз муҳоҷирони меҳнатӣ мегирифтанд бо нишондодҳои Бонки Ҷаҳонӣ оиди сатҳи камбизоатӣ муқоиса кунем, ин 2,15 доллар дар як рӯз ва сатҳи қашшоқӣ 1,15 доллар дар як рӯз тартиб медиҳад. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки 37% аҳолӣ дар сатҳи камбизоатӣ ба қашшоқӣ умр ба сар мебаранд ва аз ин сабаб дар хатаранд. Ин фоиз мумкин нисбатан зиёд бошад, зеро ки он 25 %, ки аз 500 то 1000 доллари ИМА мегиранд, инчунин дар гурӯҳҳои хатарнок мебошанд. Дар ҳолати мавҷуд будани интиқоли маблағҳо занҳо мумкин аст, ки аз интиқоли бевосита манфиат нагиранд ва ё ин, ки агар интиқоли маблағҳо номунтазам ва ё дер фиристода шаванд, занҳо метавонанд дар ҳолати камбизоатӣ зиндагӣ кунанд.

Баҳодиҳии дар поёнбуда оиди шумораи аҳолие, ки дар зери таъсири ин мафҳуманд (феномен) танҳо ба далелҳои шахсии тадқиқотчӣ асос ёфтаанд ва бо далелҳои илмӣ мустаҳкам карда нашудаанд. Муайян намудани шумораи аниқи оилаҳое, ки дар сатҳи камбизоатӣ ва аз он поён зиндагӣ мекунанд бе донистани ҳаҷми маблағҳои ҳармоҳае, ки ба онҳо дастрас мешавад, надонистани шумораи дақиқи муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон ғайриимкон аст. Гарчанд чунин баҳодиҳӣ илмӣ набошад ҳам, ба ин нигоҳ накарда, он имконият медиҳад, ки шумораи занҳои муҳоҷирони меҳнатие, ки ба таъсири манфӣ дастрас нашудан ва ё камшавии ҳаҷми интиқолҳо гирифтор шудаанд, муайян намоем. Бо суханҳои дигар ҳарчанд ин баҳодиҳӣ имконияти аниқ оиди фаҳмидани миқдори гурӯҳи оилаҳое, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ ба вақти муайян ё тамоман партофта шудаанд имконнопазир аст, ба ин нигоҳ накарда барои мақсадҳои тадқиқоти мазкур бо захира ва маълумотҳои мавҷудбуда он метавонад ба мақсади худ хизмат кунад – муайян намудани шумораи тақрибии занҳои фаромӯшшуда ҳамчун як ҷузъ аз ҳисоби умумии оилаҳои муҳоҷирон, чунки айни ҳол дигар хел баҳодиҳӣ маҷуд нест.

Мувофиқи маълумотҳои СБМ барои соли 2009 шумораи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик 800 000 –ро ташкил медиҳад. Бо назардошти баҳодиҳии ғайрирасмӣ миқдори муҳоҷирони меҳнатие,ки ба кор ба ҳориҷ рафта вале аз қайд нагузаштаанд ва онҳое, ки аз қайд гузаштаанд то 1 миллион нафар ё аз он ҳам зиёд шуда метавонад. Дар айни ҳол аз рӯи баҳодиҳии СБМ танҳо 78% муҳоҷирони меҳнатии тоҷик оиладоранд; бинобар ин аз 624 ҳазор то 780 ҳазор оилаҳо бояд интиқоли маблағро гиранд. Мувофиқи баҳодиҳии дар боло зикршударо (расми 5. 37% оилаҳо аз 500 дол ва ё аз он ҳам камтар) ба инобат гирифта ба чунин ху-

лоса омадан мумкин аст, ки аз 230.880 оила то 288 660оиларо ҳамчун аз ҷиҳати иқтисодӣ фаромӯшкардашуда ҳисоб кардан мумкин аст, ки онҳо дар сатҳи пасти камбизоатӣ зиндагӣ ба сар мебаранд. Барои он, ки сатҳи зиндагии оилаҳо аз сатҳи камбизоатӣ баланд бошад (2,15 доллар дар як рӯз) оила бояд камаш дар як сол 784 доллар гирад. (Расми 6)

**Расми 6. Сатҳи камбизоатӣ**




**Пешгӯӣ дар асоси баҳодиҳии тадқиқотҷӣ аз рӯи далелҳои тадқиқот, ки соли 2006,аз тарафи Донишкадаи Демографии назди академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон[1] гузаронидашуда буд ва дар асоси баҳодиҳии шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ, ки берун аз Ҷумҳурӣ кор мекунанд, карда шуд.**

Гарчанде, ки бисьёри мардон ба хона як миқдор пул мефиристанд (97% мувофиқи пурсишҳои гузаронидашуда дар соли 2006) муҳоҷироне низ ҳастанд, ки ин корро намекунанд. Ғайр аз масъалаҳои даромад ва сатҳи камбизоатӣ инчунин дигар мушкилотҳое ҳастанд. Баъзе аз муҳоҷирон маълумотро оиди ҷои зисти худ намефиристонанд, ё дар ҳақиқат онҳо занҳои худро фаромӯш кардаанд ва ин воқеият мавзӯи тадқиқотӣ мебошад. Шояд сабабҳои зиёде бошад, ки дар асоси он муҳоҷирони меҳнатӣ занҳои худро партофтаанд ё маблағҳои ночиз ба хона мефиристанд. Муддати зиёде аз якдигар дур будан ҳам барои оила ва ҳам барои муҳоҷирон душвор аст, аммо дар ҳолате, ки занон солҳои зиёде дар интизори бозгашти шавҳаранд ва аксаран дар ҳаракати таъмини зист ва хӯрока барои оилаи худ ҳастанд, баъзе мардҳо дар ин вақт ба худ шароити мусоид ёфта, дар ҷои истиқомати нав оилаи нав барпо менамоянд.

Бештари тадқиқотчиён, ки масъалаҳои муҳоҷиратро меомӯзанд бовари ҳосил намуданд, ки барои бисьёре аз муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷои нав ба худ шароити мусоид фароҳам овардан хос аст.[2] Духтур Абдулло Давлатов (пешвои ҷамъияти Тоҷикистон дар Москва) дар мусоҳиба чунин гуфт: :«Бисьёре аз мардони тоҷик пас аз ба Русия омадан, бо тарзи дигари зиндагонӣ - замонавӣ ва космополитикӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Баъзеашон бо занҳои рус алоқа пайдо карда ба хулосае меоянд, ки он ҷо барои онҳо беҳтар аст, ин тарзи зиндагӣ ба онҳо

1. Донишкадаи Демографии Академияи улуми Тоҷикистон. «Тадқиқот оиди вазъияти иқтисодии оилаҳои муҳочирони меҳнатӣ дар минтақаҳое, ки шиддатнокии муҳоҷират баландтар аст» саҳ.12 , 2006 с

2. Дуглас Мэсси. «Процесс переселения среди Мексиканских мигрантов в США». Ҷамъияти Социологони Амрико, Том 51, №5 (октябри с.1986.), саҳ. 670-684.

маъқул аст ва онҳо қарор қабул мекунанд, ки дар ҷое, ки зиндагӣ шавқовар аст, дар он ҷо монанд, тарки Ватан карда фикри оиларо аз худ дур менамоянд. Инчунин шахсоне ҳастан, ки барвақт бо занҳое хонадор мешаванд, ки онҳоро дӯст намедоранд, ё бо онҳо муносибати хуб надоранд ва барои онҳо ба Русия сафар намудан ин роҳи ҳалли мушкилотҳои онҳо мебошад. Албатта шахсоне ҳастанд, ки миқдори лозимии маблағро ба даст оварда наметавонанд ва ҳар рӯз дар ҳаракати пайдо намудани маблағи лозимӣ барои зиндагии худ мебошанд».[1] Ин дар навбати худ хоҳиши давом додани муносибат, алоқа бо оила ва занро кам мекунад ва миқдори маблаҕе, ки онҳо метавонанд ба хона фиристанд, кам мешавад. Боз яке аз омилҳое, ки дида мешавад тарзи никоҳ аз рӯи манфиатҳои шахсии мардон мебошад. Масалан, муҳоҷирати меҳнатӣ метавонад яке аз сабабҳои ҷудо шудан аз зани худ, ки бо ӯ ягон вақт муомилаи хуби наздикӣ надошт, шуда тавонад. Аз сабаби он, ки баъзеи муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароитҳои бад зиндагӣ мекунанд ( хонаҳои хеле хурд, дар як хона бо якҷоягии якчанд муҳоҷири дигар зиндагӣ кардан, маблағи хеле ночиз, мунтазам пора додан) ба хона маблағи лозимӣ фиристодан ва бо зани худ дар алоқа будан наметавонанд. Дар баъзе мавридҳо онҳо бехона ҳастанд ва ба шаробнушӣ( майпарасти) машғул шуда оилаи худро тамоман фаромӯш мекунанд..

**Расми 7. Ҳаҷми интиқоли маблағҳои гирифташуда.**




Дар натиҷаи бӯҳрони иқтисодӣ шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ дар Русия кори дуруст намеёбанд ва ҳатто маблағи харидани чиптаро то хона пайдо карда наметавонанд.[2] Баъзе аз занҳои (12%) пурсидашуда дар вақти гузаронидани тадқиқот қайд намуданд, ки ба фикри онҳо маблағ ба онҳо дастрас нашудааст, ё ин ки аз сабаби бӯҳрони иқтисодӣ шавҳараш маблағи пулӣ нафиристодааст, зеро, ки кори мувофиқ ёфта натавонист, ё ин ки ба вай маблағи коркардаашро надодаанд.

Пурсиши ин гурӯҳи занҳои фаромӯшшуда нишон медиҳад, ки дар соли охир 91% занҳои пурсидашуда ягон интиқоли пулӣ нагирифтаанд ва маблағи аз сатҳи камбизоатӣ баландро, камтар аз 3%-и занхо гирифтаанд. Миқдори интиқол инчунин аз як интиқол то 1 маротиба дар як сол тағир ёфтааст. Ҳамаи пурсидашудагон гуфтанд, ки маблағи гирифтаашон барои хароҷоти зиндагӣ нокифоя аст, баъзеҳо гуфтанд, ки тамоман интиқол нагирифтанд (40%). Ба саволи «кадом вақт онҳо бори охирон маблағ гирифтаанд чунин посух дода шуд: с. 2009-5 %, 2008- 15 %, 2007- 15 %, 2006-8 %, 2005- 6,5 %, 2004-5 %, 2003- 2,6 %, 2001-1 %, 1998- 1%,

1. Аз муҳосибаи тадқиқотчӣ бо пешвои диаспараи тоҷикон дар Москав, дафтари СБМ 31 июли 2009 с

2. Радиои «Аврупои Озод»/Радиои «Озодӣ». (RFERL) «Муҳоҷирони меҳнатии Тоҷик дар Русcия дар монданд». http://www.rferl.org/content/Unemployed_Tajik_Migrants_Stuck_In_Russia/1376505.html. RFERL.

1997-1%. Аз занҳое,ки интиқол гирифтаанд: 77% интиқолро ба тариқи бонкҳо гирифтанд, 18 % ба тариқи хешон ва шиносон, 5% бо тариқи ҳарду восита гирифтаанд.

Бо сабаби интиқоли нокифоя гирифтан ин занҳо мабҷур буданд, ки роҳҳои дигари дарьёфти маблағро ҷӯянд, дар баъзе мавридҳо ба онҳо лозим омад, ки бо волидони худ ё бо волидайни шавҳаронашон зиндагонӣ кунанд, то ин ки фарзандони худро бо хӯрока таъмин намоянд ва пардохти хароҷотҳои хонаро супорида тавонанд.

**3.2 Характеристикаи иҷтимоӣ - демографии занҳои фаромӯшшуда.**

Структураи иҷтимоӣ – демографии занҳои муҳоҷирон, ки ҳамчун «фаромӯшшуда» ба ҳисоб мераванд фарқият дорад. Якӯм: гарчанде, кӣ тадқиқот занҳоро аз ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон дар бар гирифта бошад, ҳам баъзе дигаргуниҳо оиди забон ба назар расид. Занҳо бештар бо лаҳҷаи маҳалии худ сухан рониданд, ҳарчанде, ки забони тоҷикӣ ва каму беш забони русиро медонистанд. Занҳои калонсол забони русиро хубтар медонистанд, назар ба ҷавонон. Дар ВМКБ новобаста аз он, ки забони русӣ ва забони адабии тоҷикиро донанд ҳам, лекин бештар бо диалектҳои (лахчахои) бадахшонӣ сухан меронданд. Дуюм: бо назардошти он, ки ҳолати саломатӣ дар нақша ва пурсишномаҳои тадқиқот дохил нашуда бошад ҳам, дар бисьёр мавридҳо ин ҳолат қайд карда шуда буд, ё ин, ки худи пурсидашудагон аз вазъи саломатиашон шикоят менамуданд. Проблемаҳо аз бемории дандон то ғизогирии нопурра, аз диабети қанд то бемориҳои рагҳои хунгард, мушак ва бемориҳои сутунмӯҳра, узвҳои биниш ва дигарҳо нишон дода шуда буд. Дар баъзе хоҷагиҳо шахсони барҷомонда ва кӯдакони маъюб зиндагонӣ мекарданд.

Дараҷаи маълумотнокии пурсидашудагон гуногун буд: аз маълумоти олӣ (8%), техникӣ (52 %), маълумоти миёна (27%), то маълумоти миёнаи нопурра (13 %) тағъир меёфт.[1] Ҳамин тавр маълумотнокӣ дар сатҳи минтақаҳо чунин натиҷа дод: дар Душанбе аз пурсидашудагон дорои маълумоти нопурраи миёна (33 %); маълумоти техникӣ (66%); дар ВМКБ маълумоти миёна (85,7 %), техникӣ (14,3 %). Дар НТҶ маълумоти нопурраи миёна (33%), миёна (33%), техникӣ (33%); дар Хатлон нопурраи миёна (16 %), миёна (28 %), техникӣ (44%) ва олӣ (12 %). Дар Суғд занон дорои маълумоти миёнаи нопурра (7,8%), миёна (3,8%), техникӣ (76,9 % ) ва олӣ (11,5.%) доранд.

Беш аз нимаи пурсидашудагон танҳо бо фарзандонашон ва ё бо волидайнашон зиндагӣ мекунанд. Синну соли миёнаи онҳо аз 21 то 52 солро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, қайд карда шуд, ки 50 дар сади онҳо кор намекарданд, зеро ки фарзандони хурдсолро нигоҳубин мекарданд, ё бемор буданд ва ё дар ҷое, ки онҳо зиндагӣ мекарданд, ҷойи кор набуд. Бештари пурсидашудагон бо корҳои мавсимӣ дар хоҷагии қишлоқ (дар пахтазор ва заминҳои картошка ) машғул буданд ва ё дар бозор маҳсулот мефурӯхтанд. Шумораи бачагонашон – аз 1 то 7, ба ҳисоби миёна – 3 нафарро ташкил медод. Ҳамаи онҳо то кунун худро шавҳардор ҳисоб мекарданд, агарчи ҳатто чандин сол, гоҳе беш аз 10 сол ҳеҷ хабаре аз шавҳари худ надоштанд. Бо вуҷуди ин, онҳо умед доштанд, ки шавҳарони онҳо бармегарданд ё онҳоро метавонанд пайдо кунанд, вале чӣ тавр намедонистанд.

Синну соли «занони фаромӯшшуда» 20-29 (18%), 30-34 (25%), 35-39 (30%) 40-44 (21%) ва 50 ва бештар (5%)-ро ташкил медиҳад. (ниг. ба нақшаи 8). Ҳамчунин қайд шуд, ки қисми бештари занони дорои 3 ва бештар фарзанддошта аз гурӯҳи синну соли 35-39 ва 4-7 фарзанддошта аз гурӯҳи 40 то 44 сола мебошанд.

1. Мафҳумҳои маълумоти «миёнаи нопурра, миёна, техникӣ ва олӣ» аз рӯи санад оиди маълумот №34 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 маи 2004с . Маълумоти нопурраи миёна – аз синфи 1 то 9,аз синни 7-солагӣ. Маълумоти миёна – то синфи 11-12. Маълумоти техникӣ мактабҳо ва литсейҳои техникиро дар назар дорад , олӣ бошад – маълумоти 5- соларо дар донишкада, эквивалент ба унвони илмӣ.

Бештари ин занон дар вилоятҳои Суғд (34%) ва Хатлон (33%), қисми боқимонда дар ВМКБ (18%) ва шаҳри Душанбе (12%) зиндагӣ мекунанд. 31,2 % бо падару модарашон, 14,3 бо хешони шавҳар ва 54,3 % танҳо зиндагӣ мекунанд. Бештари ин занон дар вилоятҳои Суғду Хатлон зиндагӣ мекунанд, чунки маҳз аҳолии ин минтақаҳо бештар ба муҳоҷирати меҳнатӣ майл доранд. Илова бар ин, дар вилояти Суғд (33,8%), Хатлон (32,5%) ва ҳамчунин ВМКБ бештари занони серфарзанд ба қайд гирифта шудаанд. (нақшаи 9).

**Расми 8. Миқдори кӯдакони вобаста ба синну соли модар**




**Аз рӯи натиҷаҳои пурсиши занҳои фаромӯшшуда, ки дар моҳи май- июни с 2009 гузаронида шуд.**

**Расми 9. Ҳаҷми оила дар сатҳи вилоятҳо.**

| **Миқдори кӯдакон** | **0** | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **7** | **9** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Душанбе | 1 | 1 | 1 | 5 | 1 | 0 | 0 | 0 | **9 (11%)** |
| ВМБК | 0 | 0 | 6 | 6 | 2 | 0 | 0 | 0 | **14 (18%)** |
| НТҶ | 0 | 1 | 0 | 1 | 0 | 0 | 1 | 0 | **3 (3,8%)** |
| Хатлон | 0 | 5 | 5 | 5 | 5 | 4 | 1 | 0 | **25 (32,5%)** |
| Сугд | 0 | 3 | 6 | 8 | 3 | 4 | 1 | 1 | **26 (33,8%)** |
| Ҳамагӣ | 1 | 10 | 18 | 25 | 11 | 8 | 3 | 1 | 77 |

**Аз рӯи натиҷаҳои пурсиши занҳои фаромӯшшуда, ки дар моҳи май- июни с 2009 гузаронида шуд.**

Ҳангоми пурсиш маълум гардид, ки ҳолати зиндагии занон хело вазнин буда аз камбизоатӣ то қашшоқӣ мерасид. Баъзе аз онҳо дар ҳуҷраҳои бисьёрошёна танҳо зиндагӣ мекунанд. Хонаҳои онҳо аз давраи Шӯравӣ буда, ин гуна хонаҳо дар Тоҷикистон хеле зиёданд, таҷҳизоташон хеле кам аст. Дар беҳтарин мавридҳо аз кати хоб, якчанд гилем, телевизор, лавозимоти хӯроктайёркунӣ ва ҷевон барои лавозимоти хонагӣ иборат буд. Гарчанде, ки ҳамаи ин таҷхизотҳо ва лавозимотҳо дар хона бошанд ҳам, хело кӯҳна ва фарсудаанд, хонаҳои онҳо таъмирталабад. Дар баъзе мавридҳо лавозимот ва таҷҳизоти оддитарини дар боло зикршуда (печкаи хӯроктайёркунӣ, телевизор)-ро занҳо надоштанд ё таъмир талаб буданд, гилемҳо ба тоза кардан ниёз доштанд.

Бисёре аз ҳуҷраҳо ва хонаҳо ба таъмир мӯҳтоҷ буданд, чунки замини онҳо аз қум ва семент иборат буда, деворҳоро мағор олуда карда буд, ба ҷои оина дар тирезаҳо пардаи

полиэтеленӣ (салафан) кашида шуда буд. Дар хонаҳое, ки занҳо бо волидайн ва ё бо хешовандони шавҳарашон зиндагонӣ мекарданд ба ҳама ҷой намерасид. Дар баъзе мавридҳо 4-хоҳаре, ки занони муҳоҷирони меҳнатӣ ҳастанд бо фарзандони худ, якҷоя бо валидайн дар хонае, ки аз 3 ҳуҷра ва бо таҷҳизоти ниятан кам иборат аст, зиндагӣ мекунанд. Бисёр занҳо аз ҳисоби нафақаи падар ё модар, фаъолият дар замини пахта ё картошка, аз ҳисоби рӯёнидани маҳсулоти хӯрока аз замини назди ҳавлигӣ, ё ин ки аз ҳисоби парвариши миқдори ночизи чорво зиндагӣ мекунанд.

### 3.3. Баҳодиҳӣ ба ҳолати иҷтимоӣ ва иқтисодии занҳои фаромӯшшуда

Баҳодиҳии ин гурӯҳ бе омӯзиш ва тадқиқоти мукаммал ғайриимкон аст, вале бо назардошти маълумотҳои зерин нигоҳи умумӣ ва хулосабарорӣ кардан мумкин аст. Ҳамаи занҳо қайд карданд, ки барои зиндагӣ маблағҳои онҳо басанда нест, дар бисёр мавридҳо ҳолати зиндагӣ ва намуди зоҳирии онҳо ин ақидаро тасдиқ менамуд. Ҳамаи онҳо тасдиқ менамуданд, ки дар айни замон ягон маблағе аз шавҳарашон намегиранд, агарчи пештар онҳо кӯмаки ночизе мекарданд. Чи тавре, ки дар аввали ин боб қайд кардем, маълумотҳо нишон доданд, ки аз ҳисоби маблағҳои аз шавҳаронашон охирон бор ворид гашта чунинанд: Ягон маротиба -40%, дар соли 2009-5% , соли 2008-15%, с 2007-15%, с 2006-8%, с 2005-6,5%, с 2004-5% , с 2003-2,6% , с 2001-1%, с 1998-1% , с 1997-1 % . Дар асоси ин маълумотҳо ҳолати иқтисодии бисёре аз ин занҳоро баҳогузорӣ кардан мумкин аст. Алалхусус он 40% занҳоеро, ки ягон маротиба баъд аз рафтани шавҳарашон ёрии молиявӣ нагирифтаанд. Ин маълумотҳо ва равияро ба инобат гирифта дидан мумкин аст, ки қуллаи баланди ирсоли маблағҳо ба солҳои 2007-2008 рост меояд, ки ин ба тараққиёт ва иқтисодиёти баланди Русия рост меояд ва пастшавии ин нишондод аз соли 2008 ба бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ алоқаманд аст (нақшаи 10).

**Расми 10. Интиқоли маблағҳое, ки охирон маротиба дастрас шуда будаанд**




Азбаски пулҳои ирсолшуда дар бештар вақт кифоя набуданд, 52% занон ҷойи кории доимӣ ва ё муваққатӣ пайдо карданд. 48 % боқимонда бо сабабхои беморӣ, нигоҳубини кӯдакони хурдсол ва ё набудани ҷойҳои корӣ дар маҳалли зисти онҳо кор намекарданд. Заноне, ки кор мекарданд дар соҳаҳои зерин машғул буданд: хоҷагии қишлоқ, (корҳои мавсимӣ дар киштзори пахта ва ё меваҳо)- 13%, фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дар бозор (10,4%), фаррош дар тарабхонаҳо, идора ва хонаҳои шахсӣ (9,1%), ошпаз (1%), мураббӣ (2,6%о), муаллима дар мактаб (5,2 %), котиба (1,3 %), дӯзанда дар корхонаҳо ва ё хона (7,8%) ва ё бо ҳар коре, ки

пеш меомад (1,3%). Даромади моҳонаи онҳо аз 10 то 400 сомонӣ (аз 2,25.то 90,30 доллар[1]), вале даромади миёна аз 50 то 100 сомониро (11,30 то 22,60 доллар)- ро ташкил медод.

59% занони фаромӯшшуда даромади худро бо ёрии хонавода (маъмулан бо роҳи зиндагии якҷоя бо волидон ё хешони шавҳар ва ё гирифтани пул ва ё маҳсулоти хурокворӣ аз волидон, хешон, бародарону хоҳарон); имтиёзҳо аз давлат (4%), аз ҷумла нафақаи маъюбии кӯдакон; нафақаи калонсолӣ (17%); ёрии аҳли чамъият (1%); кӯмаки созмонҳои байналмилалӣ ва ё маҳаллӣ (1%); қарзи бонкҳо ва муассисаҳои молия (10%) ва ё чанд роҳ дар якҷоягӣ (10 %) пурра мекунанд (ниг, Накшаи 11). Албатта, қисмати асосии кӯмаки мустақим аз хешовандон волидон, бародарону хоҳарон мерасад. Гузашта аз ин, гарчанде, ки дар Тоҷикистон бисёр созмонҳои байналмилалӣ ва маҳаллӣ фаъолият кунанд ҳам аз ин тадқиқот маълум гашт, ки ёрии чунин созмонҳо танҳо ба 1% занони ин гурӯҳ расидааст. Ҳамчунин, азбаски миқдори нафақаҳои синну солӣ ва маъюбӣ хеле кам аст, фоидаи онҳо кӯтоҳмуддат аст. Ғайр аз ин, ҳангоми пурсиш маълум шуд, ки 51% занони бекор танҳо зиндагӣ мекарданд ва маҳз онҳо дар шароити душвортарин зиндагӣ ба сар мебаранд, 30 % бо волидон ва 19 % бо хешони шавҳаронашон зиндагӣ мекунанд.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки 50% занҳо ҷои корӣ надоранд, нисфи зиёди ин занҳо танҳо зиндагӣ ба сар мебаранд ва аз хешовандон кӯмак намегиранд ва онҳое, ки аз тарафи хешовандон дастгирӣ карда мешаванд, барои онҳо як бори гарон мешаванд, чунки вазъи иқтисодии ин оилаҳо хам бисёр нозук мебошад.

**Расми 11. Манбаҳои кӯмаки молиявӣ**

| **Нафақаи пирӣ** | **Имтиёзҳо аз тарафи давлат** | **Қарзҳо** | **Кӯмак аз оила** | **Кӯмаки ҷомеа** | **Дастгирии ташкилотҳо** | **Зиёда аз як манба** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Не (83%) | Не (96%) | Не (90%) | Не (41%) | Не (99%) | Не(99%) | Не (86%) |
| Ҳа (17%) | Ҳа(4%) | Ҳа (10%) | Ҳа (59%) | Ҳа (1%) | Ҳа (1%) | Ҳа(14%) |

**Аз рӯи натиҷаҳои пурсиши занҳои фаромӯшшуда, ки дар моҳи май- июни с 2009 гузаронида шуд.**

## 3.4. Алоқа бо шавҳарони муҳоҷир.

Дар вақти гузаронидани тадқиқот дар сари чанд вақт, кадом намудҳои муоширати зану шавҳар дар байн буда, омӯхта шуда буд. Тадқиқотчӣ инчунин аз тарафи зан маълумотро оиди донистан ва ё надостани ҷои зисти шавҳарро муайн карда буд. Аз натиҷаҳои пурсишҳо маълум гашт, ки бештари занҳо ягон ахбороте оиди зисти шавҳарашон надоштаанд, онҳо аз ҷои кори шавҳар хабар надоранд. Ҳамаи онҳо аниқ медонистанд, ки шавҳарашон ба Русия рафтанд ва эҳтимол онҳо дар вилояти Маскав зиндагӣ мекунанд, лекин занҳо боварии комил надоранд. Вақти ба хориҷ рафтани онҳо тахмин аз соли 1994 то соли 2009 қайд карда шудааст, вале аксарияти занҳо қайд кардаанд, ки шавҳаронашон соли 2006 ба хориҷ рафта будаанд. (Расми 12)

1. Курби мубодилаи асъор ба Сомони баробар ба доллари ИМА дар асоси курби Банки миллии Тоҷикистон аз 7 сентябри с. 2009. – 4,43. http://www.nbt.tj/en/

**Расми 12. Соли ба муоҳоҷират рафтаи шавҳар.**




**Аз рӯи натиҷаҳои пурсиши занҳои фаромӯшшуда, ки дар моҳи май- июни с 2009 гузаронида шуд.**

Баъди ба хориҷа рафтан, шавҳарон бисёр вақт бо оилаҳои худ дар тамос набудаанд. Ҷавобҳо нишон медиҳанд: занҳое, ки тамоман аз шавҳар ахборот нагирифтаанд 26%, як маротиба 18,2%, дер ахборот мегирифтаанд 23,4%, баъзан 20,8%, ҳар моҳ 5,2%, дар се моҳ як маротиба 6,5%-ро ташкил медиҳанд.. Воситаҳои дар тамос будан: бо хати телефон 60%, ба воситаи дигар шахсон 40% ва 96% занҳо ҷавоб додаанд, ки дар замони ҳозира бо шавҳарони худ дар тамос нестанд.

### 3.5. Озурдаҳолӣ.

Дар он ҳолати иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки занҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҳастанд, имкониятҳои гирифтори афсурдагӣ, худкушӣ, бемориҳои ҷисмонӣ, гуруснагӣ, фоҳишагӣ ва серзанӣ зиёд мешавад. Барномаҳои якҷояи СБМ, БРСММ (ПРООН), (ЮНИФЕМ) дар с. 2006 барои васеъ намудани имкониятҳои занони муҳоҷир бо роҳи инкишофи механизмҳои устувории оилаҳо равона карда шуда буд. Вақте, ки маблағҳо ба занон дастрас намешаванд, ё ин ки хешовадон дастгирӣ намекунанд, онҳо аз манбаҳои даромади худ маҳрум мешаванд, дар ин ҳолатҳо занҳо метавонанд ба фаъолияти ғайриқонунӣ машғул шаванд. Дар вақти зиндагии зан дар хонаи шавҳар бо муносибати золимона ва бо низоъ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин боиси инкишофи ҳолати афсурдагӣ мешавад. Дар ахбороти матбуотии СММ ба наздикӣ гуфта шудааст, ки «. муҳоҷирати мардон бо муаммоҳо вобаста аст, хусусан барои кӯдакон ва занҳое, ки дар хонаи шавҳарашон зиндагӣ мекунанд. Агар муҳоҷирон дар сари вақт пул нафиристонанд, ин занҳо ба муносибати золимона ва зуроварии ҷисмонӣ аз тарафи хешони шавҳар гирифтор шуданашон мумкин аст»[1]. Гарчанде, ки занҳо дар бораи зуроварӣ чизе нагуфта бошанд, ҳам ду зан посух доданд, ки баъди ба хориҷ рафтани шавҳарашон, онҳоро аз хона хешовандони шавҳарашон бесабаб пеш кардаанд. Дар вақти гузаронидаи тадқиқот маълум гашт, ки аз сабаби бад будани ҳолати иқтисодии онҳо, эҳсосоти танҳоӣ ва нодаркорӣ зиёд шуда ин занҳоро ба ҳолати афсурдагӣ меоварад. Масалан намуди зоҳирии онҳо гувоҳи дардҳои ҷисмонӣ ва равонии давомнок аст, онҳо нисбати сину соли худ калонсолтар менамоянд. Онҳо ҳар замон мегиристанд, нобавариро нисбати ҳаёти кӯдакон худ ва шароитҳои зиндагии худ изҳор менамуданд.

Ин ҳолати равонӣ ( психологӣ), яъне дарёфт накардани дигар роҳе, ки ӯро аз ин вазъияти гирифторшуда раҳо дода метавонад, занро метавонад ба худкушӣ оварда расонад[2],

1. Ахбороти матбуотии СММ. « Гузоришгари махсуси СММ муқобили зуроварӣ нисбати занон боздиди худро дар Тоҷикистон анҷом дод». 23 мая 2008 г.

2. Мукаммал Одинаева. «Тоҷикистон: сатҳи баланди худкушӣ дар байни занон бо зуроварӣ дар оила алоқаманд аст». http://www.irinnews.org/InDepthMain.aspx?InDepthID=20&ReportId=62834&Country=Yes

алалхусус дар ҷомеаи падаршоҳӣ (патриархалӣ)-е, ки дар Тоҷикистон вуҷуд дорад. Дар воситаҳои ахбори умум маълумоте гузашта буд, ки занҳо дар баъзе мавридҳо метавонанд на танҳо ба худкушӣ даст зананд, балки кӯдаконашонро низ аз зиндагӣ маҳрум намоянд. Дар сайти "Центразия.ру"як мақола оиди зиёд шудани худкушӣ баромада буд, ки аз 95 саъйи худкушӣ нисфаш аз тарафи занҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба вуқӯъ омада буд.[1] Дар ҳолати бӯҳрони иқтисодӣ, вақте, ки муҳоҷирони меҳнатӣ бе кор ва бе маблағҳо мемонанд дар байни занҳо таносубан ҳолати афсурдагӣ ва худкушӣ зиёд шуда метавонад. Мутахассисон оиди масъалаҳои гендерӣ аз он чумла намояндагони Лигаи занҳои ҳуқуқшинос, Ассотсиатсияи занҳои олимаҳо, журналист Мукаммал Одинаева ҳамфикри он ҳастанд, ки гарчанде ҳисоботҳои оморӣ оиди миқдори занҳои фаромӯшшуда қайд нашуда бошад ҳам, аммо онҳо ниҳоят зиёд ба гирифтори афсурдаҳолӣ, худкушӣ, ҷиноят, муносибати золимона ва серзанӣ мерасанд, хусусан агар онҳо ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии худро надонанд[2]. Маълумотҳои амиқ оиди вобастагии занҳои муҳоҷир ба фоҳишагӣ дида намешавад. Гарчанде, ки дар вақти пурсишҳо ягон зан оиди ба фоҳишагӣ машғул шудан иқрор нашуда бошад ҳам, аз рӯи ахборотҳои ғайрирасмӣ, ки аз тарафи экспертҳои СБМ оиди ВНМО/БНММ (ВИЧ/СПИД) дар Тоҷикистон пешниҳод намудаанд, гувоҳӣ медиҳанд, ки занҳои фаромӯшшуда метавонанд ба фоҳишагӣ дар бозорҳо ва дар ҷойҳои кори сохтмончиҳо (дар баъзе ҳолатҳо бо сохтмончиҳое, ки аз Хитой омаданд) машғул бошанд. Фоҳишагӣ онҳоро ба гирифтори хатари бемориҳое, ки ба воситаи алоқаи ҷинсӣ гузарандаанд ва ё ВНМО/БНММ (ВИЧ/СПИД) расонида метавонад.

Аз рӯи баъзе ҳисоботҳои Воситаҳои ахбори умум дар байни занҳои фаромӯшшуда дигар воситаҳои беҳдошти зист дида мешаванд, аз он ҷумла розигӣ ба серзанӣ ва хиёнати зан нисбати шавҳар.[3] Аз миқдори занҳои пурсидашуда танҳо 1% иқрор шудаанд, ки баъди муҳоҷирати шавҳар ғайриқонунӣ дубора никоҳ шудаанд, яъне зани дуюми марди дигаре шудаанд. Дар ҷомеаи мисли Тоҷикистон суннатҳои мусулмонӣ, аз он ҷумла серзанӣ аз нав барқарор шуда истодаанд ва дар ҳолати мушкилотҳои иқтисодӣ ин намуди муносибатҳо дар як хел мавридҳо гарави ҳимояи зан шуда метавонанд. Чунин қарори баъзе аз занҳои фаромӯшшудаи муҳоҷирони меҳнатиро, ки солҳои зиёд бо шавҳаронашон дар тамос набуданд, ҷомеа қабул мекунад ва ин ҳамчун яке аз интихоби хуб ҳисоб мегардад, ва ҳатто аз тарафи хешовандон пешниҳод карда мешавад. Аз тарафи дигар серзанӣ дар Тоҷикистон қонунан манъ мебошад ва дар ҳолати талоқ карда шудани ин занҳо, ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо вобаста ба моликият ва ёрдампулӣ ба кӯдакон (алимент) аз тарафи қонун пешбинӣ нашудааст.

1. Дар Тоҷикистон худкушӣ бо сабаби бухрони молиявӣ афзоиш меёбад. http://www.centrasia.ru/news2.php?st=1246826460

2. Аз мусоҳиба бо рузноманигор М. Одинаева, роҳбарони Ассосиатсияи занҳои-олима ва Лигаи занони-ҳуқуқшинос,ки дар Душанбе моҳи июли 2009 г. баргузор шуда аст.

3. The Observer, 12 апреля 2009 г. «Пережитки Советского прошлого испытывают боль, пока кризис в России крепнет». http://www.guardian.co.uk/world/2009/apr/12/russia-tajikistan-recession-guest-workers

**Банди 4. Хулосаҳо ва тавсияҳо.**

Дигаргуниҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодие, ки дар солҳои истиқлолият ва баъди ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар аввали солҳои 90-ум ба вуқӯъ омаданд, ба он ҳолат оварда расонид, ки бозори дохила имконияти дастрас намудани миқдори лозимии ҷойҳои корӣ ва манбаи даромади лозимиро фароҳам наовард. Дар ин ҳолат муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз манбаҳои калонтарини кор ва манбаи даромад шуд, хусусан барои мардоне, ки ба Русия рафта буданд. Муҳоҷирати меҳнатӣ калонтарин маҳсулоти содиротӣ буда, тарафҳои мусбӣ ва манфиро ҳам дар бар мегирад.

Натиҷаҳои мусбӣ назаррасанд: Аз рӯи нишондодҳои Бонки Умумиҷаҳонӣ миқдори аҳолие, ки дар сатҳи камбизоатӣ ( тақрибан нисфи онхо) зиндагӣ мекунанд, нисбати соли гузашта камтар шудаанд ва интиқоли маблағҳо 50%-и ММД-и Тоҷикистонро ташкил доданд. Бештари оилаҳо метавонанд аз ҳисоби интиқоли маблағҳо зиндагӣ кунанд, баъзеҳо метавонанд аз ҳисоби ин маблағҳо тиҷорати шахсии худро ташкил диханд, зеро, ки маблағҳои воридшуда ҳаҷман дар ҳар оила гуногунанд. Аз тарафи дигар таъсири манфии муҳоҷирати меҳнатӣ низ айён аст: бештарии оилаҳо имконияти баланд бардоштани сатҳи зиндагии худро надоранд, баъзеи занҳои фаромӯшкардашуда аз ҷудоӣ, вазъияти иқтисодии оила ва ҳолати баланди эҳсосии худ азият мекашанд.

На ҳамаи оилаҳо дар зери таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ аз камбизоатӣ баромада метавонанд. Сабабҳои онҳо гуногунанд: ҳаҷми хурди маблағҳои фиристодашуда, маблағҳо метавонанд ба дигар аъзоёни оила фиристода шаванд. Дар баробари ин интиқоли маблағҳо барои қонеъ гардонидани зарурияtҳои асосии худ, аз он ҷумла хариди хӯрока хароҷот карда мешавад. Баъзеи занҳо бевосита аз интиқоли маблағ истифода бурда наметавонанд, зеро, ки ин маблағҳо ба номи дигар аъзоёни оилаи шавҳар равона карда мешаванд, ё ин, ки маблағи нокифоя ва ё тамоман маблағ намегиранд. Аз рӯи маълумотҳое, ки аз тарафи олимон ва тадқиқотчиёне, ки ба омӯзиши масъалаҳои муҳоҷират машғуланд, дида мешавад, ки қисми зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ дар мамлакатҳои қабул мемонанд ва бештари онҳо оилаҳои навро таъсис медиҳанд ва онҳоеро, ки дар хона мондаанд фаромӯш мекунанд, дар натиҷа ин занҳои фаромӯшшуда маҷбуранд, ки дар танҳоӣ умр ба сар баранд ва дар фикри зиндагии худ шаванд.[1]

Баъди ба муҳоҷират рафтани шавҳар ва бе дастгирии молиявӣ мондани зан, занҳои фаромӯшшуда гирифтори ҳолати рӯҳафтодагӣ ва худкушӣ, бад шудани саломатӣ, гуруснагӣ, фоҳишагӣ ва серзанӣ мешаванд. Ба ҳама маълум аст, ки дар Тоҷикистон имкониятҳои беҳдошти зист барои ин гуруҳи занҳо маҳдуд аст, аз сабабе, ки онҳо дар ҷои зисти худ дастгирӣ намеёбанд, инчунин аз сабаби маҳдуд будани имкониятҳои давлат ва дигар ташкилотҳои иҷтимоие, ки дастгирии ин гурӯҳи занҳоро ба зима гирифтаанд. Инчунин дар вақти мусоҳиба аз тарафи пурсидашудагон қайд карда шуд, ки онҳо тамоман аз тарафи ташкилотҳои маҳаллӣ, байналмиллалӣ дастгирӣ карда намешваванд, зеро, ки дар ҷойҳои зисти онҳо ин ташкилотҳои байналмиллалӣ фаъолият надоранд, ё ин ки занҳо роҳҳои муроҷиатро ба ин ташкилотҳо намедонанд. Шояд аз сабабе, ки омӯзиши оқибати муҳоҷирати меҳнатӣ ба наздикӣ сар шуд ва ҳамчун феномени авҷгирифташуда акнун муайян шуда истодааст, ба “занҳои фаромӯшшуда”, ҳамчун гуррӯҳ то ҳол диққат ва эътибори махсус дода нашуда буд ва маълумоти кофӣ дар ин бора вуҷуд набуд. Кӯмаки бевосита ба “занҳои фаромӯшшуда” аз тарафи падару модар, бародару хоҳаронон ва ё хешу таборони шавҳар расонида мешавад, новобаста аз он, ки аксари вақт худи ин оилаҳо дар камбизоатӣ зиндагӣ намоянд. Ҳукумати Тоҷикистон имрӯз имкониятҳои дастрас намудани имтиёзҳои

1. Зигфрид Бернингхаус ва Ганс Гюнтер Зайферт-Вогт. «Временная и постоянная миграция: теоретический подход к решению». Журнал экономики народонаселения, Том 1, №3 (февраль 1989 г.), стр. 195-211.

иҷтимоиро надорад, ғайр аз додани нафақа барои пиронсолон ва кӯдакони маъюб ва аз ин имтиёзҳои мавҷудбуда занҳои муҳоҷирон низ дар ҳолати якҷоя зиндагӣ кардан дар ин оилаҳо истифода мебаранд. Ҳаҷми нафақа то ҳол нокифоя буда, ҳамчун дастгирии асосӣ шуда наметавонад.

Ҳолати рӯҳафтодагӣ ва муносибати золимона нисбати онҳо дар вақти зисти занҳои фаромӯшшуда дар оилаи падару модари шавҳар метавонад пайдо шавад. Дар вақти ба муҳоҷират рафтани шавҳар зан ва кӯдаконе, ки бо хешу табори шавҳар зиндагӣ мекунанд, метавонанд ба зери таъсири хушунади ҷисмонӣ ва равонӣ, муносибатӣ золимона гирифтор шаванд. Дар натиҷа ба онҳо маблағҳои аз тарафи шавҳарашон фиристодашуда бевосита дастрас карда намешаванд. Қисми хурди занҳои пурсидашуда бо ин хулосаҳо розӣ шуданд. Ба ғайр аз ин 2 зан иқрор гаштанд, ки баъди ба муҳоҷират рафтани шавҳар хешу таборони шавҳар онҳоро бе сабаб аз хона пеш кардаанд.

Аз сабаби танҳоӣ кашидан ва ба мушкилотҳо дучор шудан имконияти ба ҳолати рӯҳафтодагӣ дар байни занҳои муҳоҷирони меҳнатӣ зиёд мешавад. Ин ҳолат ва эҳсосот аз сабаби набудани маълумот аз шавҳар дар муддати тӯлонӣ ва ё дастрас нашудани интиқоли маблағ зиёдтар мешавад. Дар вақти мусоҳиба нишонаҳои рӯҳафтодагӣ , танҳоӣ, ки ба ҳолати иқтисодии онҳо вобаста аст, намоён буданд. Онҳо мегиристанд, нобоварӣ ва ҳиссиёти ғамро оиди зисти худ ва кӯдакони худ нишон медоданд. Онҳо мехоҳанд, ки оиди такдири шавҳарашон ахборот пайдо кунанд. Бештарии онҳо мехоҳанд, ки соҳиби ҷои корӣ бошанд ва оилаи худро бо хӯрока таъмин намоянд.

Агар зан раҳҳоиро аз ин ҳолати афсурдагӣ набинад, ин ҳолат ӯро ба худкушӣ оварда мерасонад,[1] алалхусус дар ҷомеаи падаршоҳие( патриархалие), ки дар Тоҷикистон вуҷуд дорад. Чи тавре, ки дар боби гузашта қайд карда шуда буд, дар воситаҳои ахбори умум ахбороте гузашта буд, ки миқдори ходисаҳои худкушӣ дар байни занони муҳоҷирон зиёд шудааст[2]. Бо сабаби бӯҳрони глобалии молиявӣ ва иқтисодӣ муҳоҷирони тоҷик бе ҷои корӣ ва бе маблағ, оилаҳои онҳо бе манбаи даромад мемонанд, давлат бошад бе имконияти дастгирии иҷтимоӣ хоҳад монд ва дар натиҷаи ин шояд ҳолати рӯҳафтодагӣ ва худкушии занҳо зиёд шавад.

Гарчанде, ки аз рӯи ҳисоботҳои оморӣ маълумотҳои амиқ оиди вобастагии занҳои муҳоҷир ва фоҳишагӣ дида намешавад, дар вақти пурсишҳо ягон зан оиди ба фоҳишагӣ машғул шудан иқрор нашуда бошад ҳам, аз рӯи ахборотҳои ғайрирасмӣ, ки аз тарафи мутахассисони СБМ оиди ВНМО/БНММ (ВИЧ/СПИД) дар Тоҷикистон пешниҳод намудаанд, гувоҳӣ медиҳад, ки занҳои фаромӯшшуда метавонанд бо фоҳишагӣ дар бозорҳо ва дар ҷойҳои кори сохтмончиҳо ва дигар коргарон машғул шаванд. Фоҳишагӣ онҳоро ба гирифтори хатари бемориҳое, ки ба воситати алоқаи ҷинсӣ ва ё ВНМО/БНММ пайдо мешавад, гирифтор намояд.

Дигар намудҳои беҳдошти зист дар байни ин гурӯҳи занҳо аз он ҷумла серзанӣ ва хиёнати зан нисбати шавҳар мебошад.[3] Аз миқдори занҳои мусоҳибашуда танҳо 1% иқрор шудаанд, ки баъди муҳоҷирати шавҳар ғайриқонунӣ дубора никоҳ шудаанд. Дар Тоҷикистон, ки суннатҳои мусулмонӣ, аз он ҷумла серзанӣ аз нав барқарор шуда истодааст ва гарави ҳимояи зан дар ҳолати мушкилотҳои иқтисодӣ шояд шавад, бо назардошти он, ки занҳои фаромӯшшуда

1. Мукаммал Одинаева. Мукаммал Одинаева. «Тоҷикистон: сатҳи баланди худкушӣ дар байни занон бо зуроварӣ дар оила алоқаманд аст». http://www.irinnews.org/InDepthMain.aspx?InDepthID=20&ReportId=62834&Country=Yes

2. Дар Тоҷикистон худкушӣ бо сабаби бухрони молиявӣ афзоиш меёбад. http://www.centrasia.ru/news2.php?st=1246826460

3. The Observer, 12 апреля 2009 г. «Давраи сипаришудаи Шуравӣ дардро ҳис менамояд, дар холе ки бухрон дар Русия шиддат мегирад». http://www.guardian.co.uk/world/2009/apr/12/russia-tajikistan-recession-guest-workers

солҳои зиёде бо шавҳарашон дар тамос нестанд ин ҳодисаҳоро ҳамчун ҳолати мусбӣ дида баромада аз тарафи хешовандони ин занҳо пешниҳод кардан мумкин аст. Қарори зан оиди зани дуйӯм ва сейӯм шудан аз ҷиҳати иҷтимоӣ шояд ҳалли мусбӣ дошта бошад, аз тарафи дигар серзанӣ дар Тоҷикистон қонунан манъ мебошад ва дар ҳолати талоқ карда шудани ин занҳо, химояи хукукхои онҳо вобаста ба моликият ва ёрдампулӣ ба кудакон (алимент) аз тарафи қонун пешбинӣ нашудааст. Бо яке аз занҳои пурсидашуда чунин воқеа рӯй дод, ки зани якум ва писари калонии шавҳараш ин занро баъди ба муҳоҷират рафтани шавҳараш аз хона пеш кардаанд ва ӯ маҷбур шуд, ки ба хонаи волидайнаш баргардад.

Дар ҷамъбаст: ғайр аз далелҳои номбурда ва душвориҳое, ки занҳои фаромӯшшуда бо он дучор шудаанд, бояд роҳҳои ҳалли ин проблемаҳо ва дастгрии онҳоро пешбинӣ кардан лозим аст. Бештарии занҳои пурсидашуда кор намекунанд, қисми дигари онҳо дар корҳои мавсимӣ дар ҳоҷагии қишлоқ банд ҳастанд. Барои беҳдошти зист ба занҳо кори хуб ва маблағи хуб кор кардан душвор аст. Ин занҳо бо кӯдакони худ дар шароитҳои ғайриқаноатбахш зиндагӣ мекунанд ва онҳо ҳатто лавозимот ва таҷҳизоти барои хона зарурирo надоранд. Ин ҳолат ҳам ба кӯдакон ва ҳам ба калонсолон таъсир мерасонад. Саломатии ҷисмонӣ ва равонии онҳо дар зери хатар аст, дар мавриди беморӣ онҳо кор карда наметавонанд ва аз сабаби бепулӣ имконияти дору харидан ва табобат гирифтан надоранд.

Бештарии занҳо маълумотро оиди ҷои зисти шавҳарашон надоранд, зеро ки баъди ба муҳоҷират рафтани шавҳар муддати тӯлонӣ бо онҳо дар тамос набуданд. Ба онҳо итиқоли маблағ дастнорас аст, ё ин ки баъзеи онҳо кам маблағ мегирифтанд, ки барои қонеъ гардонидани талаботи оила нокифоя мебошад.

**Хулосаҳо:**

- Новобаста аз он, ки оиди занҳои фаромӯшшуда маълумот нокифоя ва нопурра аст, ба феномени "занҳои фаромӯшшуда" баҳо додан мумкин аст. Аз рӯи нигоҳи тадқиқотчӣ аз се як қисми муҳоҷирони меҳнатӣ ба ватани худ барнамегарданд, чунки дар давлати қабул мемонанд. Бо назардошти бӯҳрони иқтисодӣ ин нишодод метавонад зиёд шавад.
- Мусоҳиба ва назорати ин гурӯҳи занҳо нишон медиҳад, ки онҳо дар ҳолати камбизоатӣ ва шароити ғайриқаноатбахш зиндагӣ ба сар мебаранд ва хӯроки онҳо асосан аз зироате, ки худашон парвариш мекунанд, иборат аст.
- Баъзе занҳо аз кӯдаконашон далели нафиристодани маблағ ва оиди дар дигар оила бо дигар зан зинадгӣ кардани падарашонро пинҳон менамоянд.
- Баъзе кӯдакон тамоман падари худро надидаанд ё намешиносанд, зеро ки онҳо дар вақти ба муҳоҷират рафтани падарашон хеле хурд ё ин, ки дар батни модар будаанд.
- Бояд ба ҳолати равонӣ ва иҷтимоии таъсири фаромӯшшавии зан аз тарафи шавҳари муҳоҷир баҳо дода шавад ва имкониятҳои дастгирии ҷомеа ҳаматарафа омӯхта шавад.
- Барои беҳдошти зист модарон дар заминҳои наздиҳавлигӣ кор мекунанд, зироати хӯрокворирo барои истеъмол ва фурӯш парвариш менамоянд, кӯдаконро ба кор омода менамоянд, кӯмакро аз наздикон мегиранд ва умуман бо ҳар намуди кори дастрас машғул мешаванд.
- Бештари занҳо маълумотро оиди дар куҷо будани шавҳарашон надоранд.
- Бештари занҳо раванди муҳоҷират, ҳуқуқҳои худ ва инчунин роҳҳои ҳуқуқии ёфтани шавҳаронашонро намедонанд.

- 48% пурсидашудагон ҷои корӣ надоранд, нисфи зиёди онҳо дар танҳоӣ дар шароити ғайриқаноатбахш зинадагӣ мекунанд ва аз хешовандон кӯмак намегиранд, қисми дигари пурсидашудагон бо хешовандони шавҳар зиндагӣ карданро интихоб карданд.
- Танҳо 1% пурсидашудагон ҷавоб доданд, ки аз ташкилотҳои маҳаллӣ ё байналмиллалӣ кӯмак гирифтаанд. Бештари онҳо намедонанд, ки чӣ гуна аз ин ташкилотҳо кӯмак дастрас карда мумкин аст.
- 91% занҳои пурсидашуда посух додаанд, ки дар айни ҳол маблағ намегиранд.
- Танҳо 10% занҳо (ҳамаи онҳо дар ВМБК зиндагӣ мекунанд ) имконияти гирифтани қарзи бонкиро доштанд, барои ташкили тиҷорат ва кор дар бозор.
- Дар натиҷаи муддати тулонӣ дастрас нашудани интиқоли маблағ ва дигар манбаҳои даромад дар байни ин гурӯҳи занҳо хатари худкушӣ ва ҳолати руҳафтодагӣ зиёд мешавад.
- Мусоҳиба бо экспертҳо ва далелҳои ғайрирасмӣ нишон медиҳанд, ки занҳои фаромӯшшуда барои пайдо кардани манбаи иловагии даромад ба фоҳишагӣ даст зада метавонанд.
- Ба проблемаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҷисмонӣ ва фарҳангии занҳои фаромӯшшуда барои пурра фаҳмидани таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ диққати махсус дода намешавад.
- Танҳо 1% пурсидашудагон посух додаанд, ки онҳо ҳамчун зани дуввум никоҳ шудаанд. Ин ҳолат ба зани фаромӯшшуда ҳамчун зан ҳуқуқҳои юридикӣ дода наметавонад ва дар вақти гирифтани шаҳодатнома оиди тавллуди фарзанд ва ё барои таҳлил намудани ҳолати ҳуқуқии онҳо, ҳамчун модари танҳо дар ҳолати набудани шавҳар ӯ ба мушкилиҳо дучор мешавад.
- Нисфи зиёди пурсидашудагон бо шавҳаронашон дар тамос нестанд, 40% онҳо баъди муҳоҷирати шавҳар интиқоли маблағ нагирифтанд.
- Бисёри занҳо аз сабаби бад будани саломатии худ ё тарбия намудани кӯдакони хурдсол кор карда наметавонанд.
- Занҳо сатҳи пасти саводнокии хуқуқиро доранд, иттилоот оиди ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ надоранд, бештари занҳо мехоҳанд маълумотро оиди тақдири шавҳарони худ пайдо кунанд.
- Ҳамаи кӯдакони пурсидашудагон дар мактаб таҳсил менамоянд, баъзеи онҳо барои кӯмак кардан ба оила пеш аз дарс ё баъди дарс дар ҳар куҷо кор мекунанд.

**Тавсияҳо:**

- Давом додани тадқиқот оиди омӯзиши ҳолати иҷтимоӣ- иқтисодии занҳои фаромӯшшуда ва бевазанҳо, бо мақсади аниқ муайян намудани миқдор ва баҳо додан ба таъсири талафоти моддӣ ва маънавӣ расидаи онҳо.
- Бояд бештар Барномаҳои кӯтоҳ ва миёнамуддати таъҷилан амалшаванда ва мақсадноки ташкилотҳои байналмиллалӣ ва маҳаллӣ, оиди дастгирии занҳои фаромӯшшуда фаъолият намоянд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки танҳо 1% занҳои фаромӯшшуда аз ин ташкиллотҳо дар ҳолатҳои алоҳида кӯмак гирифта буданд. Хуб мешавад, ки СБМ марказҳои иттилоотӣ ва дастгирии оилаҳои муҳоҷирони меҳнатиро таъсиси диҳанд. Онҳо имконияти дастгирии бевоситаи занҳои фаромӯшшударо ба дӯшу худ мегирифтанд (таъмини хӯрока, кӯмаки тиббӣ ва дигар намудҳои кӯмаки иҷтимоӣ ба мисли марказҳои дастгирии заноне, ки қурбониёни одамрабоӣ шудаанд). Ба ғайр аз ин ин Марказҳо метавонистанд ҳамчун марказҳои ҳамоҳангсоз байни ҳамкории ташкилотҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳои мутасаддӣ фаъолият намоянд.
- Гузаронидани маъракаҳо ва чорабиниҳои иттилоотӣ оиди оилаҳое, ки аз тарафи муҳоҷирони меҳнатӣ дар ватанашон фаромӯшшудаанд ва баланд бардоштани ҳисси масъулиятнокии муҳоҷирони меҳнатӣ дар назди оила ва фарзандҳояшон бо ҷалб намудан ба ин чорабиниҳо намояндагони дин, диаспораҳои тоҷикон дар хориҷи кишвар ва дигар шахсони мутассадӣ, ки барои бо кор таъмин намудани муҳоҷирон машғуланд.
- Гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ оиди проблемаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, дастрас намудани иттилоот ба тариқи гузаронидани маслиҳатдиҳии сайёрӣ дар қишлоқҷойҳо ва омӯзиши намояндагони ҷамоатҳо оиди пешкаш намудани чунин иттилоот ва дастгири намудани аҳолӣ.
- Расонидани кӯмаки равонӣ ва молиявӣ барои занҳои гурӯҳи хатарнок, ки имконияти хатари гирифтори рӯҳафтодагӣ мешаванд ва ё ба худкушӣ даст мезананд, бо роҳҳи ҷалб намудани хукуматҳои маҳаллӣ, намояндагони дин, марказҳои саломатӣ, ассосиятсияҳои занона ва оилавӣ.
- Баҳо додан ба зарурияти расонидани кӯмаки равонӣ дар ҳолати гирифтор шудани занҳо ба ҳолатҳои ноустувори равонӣ, ки дар натиҷаи таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ пайдо шудаанд ва ё аз тарафи шавҳар фаромӯшшудаанд, инчунин дар натиҷаи таъсири озурдаҳолӣ, муносибати золимона ва бонизоъ.
- Баҳо додан ва омӯзиши имкониятҳои бо кор таъмин намудан ва дарёфти ҷойҳои корӣ дар ҷои зисти занҳо
- Омӯзиши кормандони хукуматҳои маҳаллӣ барои дастгирии занҳо ва истифодабарии сохторҳои мавҷудбуда оиди пайдо намудани маълумот ва кофтукови шавҳарон дар хориҷ.
- Ҷалб намудани ташкилотҳои ҳавасманд барои кам намудани таъсири манфии муҳоҷирати меҳнатӣ ба оилаҳо ва хусусан барои дастгирии занҳои фаромӯшшуда.

## Рӯйхати суратҳо:

### Банди 2.

Расми 1.Муҳоҷирони меҳнатӣ ва фоизи онҳо аз миқдори умумии аҳолӣ дар соли якӯми муҳоҷирӣ ........ 14

Расми 2. Муҳоҷирони меҳнатӣ дар моҳи июли с 2008 ........ 17

Расми3. Мӯҳлати дар муҳоҷират будан дар давлати қабулкунанда с 2003 то 2007 ........ 18

Расми 4. Характеристикаи муҳоҷирати меҳнатӣ ........ 19

Расми 5. Ҳаҷми интиқоли маблағҳое, ки ҳар сол аз тарафи муҳоҷирони меҳнатӣ ба хона фиристода мешавад ........ 20

### Банди 3.

Расми 6. Сатҳи камбизоатӣ ........ 23

Расми 7. Ҳаҷми интиқоли маблағҳо ........ 24

Расми 8. Миқдори кӯдакони вобаста ба синну соли модарон ........ 26

Расми 9. Ҳаҷми оилаҳо дар вилоятҳо ........ 26

Расми 10. Мӯҳлати охирони воридоти интиқоли пулӣ ........ 27

Расми 11. Манбаҳои кӯмаки молиявӣ ........ 28

Расми 12. Соли ба муҳоҷират рафтани шавҳар ........ 29

**Руйхати маводҳои истифодабурдашуда.**


- Berninghaus Siegfried and Günther Seifert-Vogt Hans. "Temporary vs. Permanent Migration: A Decision Theoretical Approach". Journal of Population Economics, Vol. 1, No. 3 (Feb., 1989), pp. 195-211
- Canagarajah, Sudharshan, Lead Economist for World Bank Tajikistan. Data from material presented at IOM Round-table on the impact of the Global Financial Crisis on Migration in Tajikistan, Dushanbe, 13-14 March 2009.
- Canales, Alejandro I. "The role of remittances in the transnational family relationships configuration". 2005, Universidad de Guadalajara. Translation of the published work by the author in the book directed by Eric
- Falkingham, Jane. "A Profile of Poverty in Tajikistan". case paper 39, April 2000, pg.2 and 4.
- Guerassimo, Migrations internacionales, mobilities et development, published in 2004 by L'Hartmattan, Paris, France.
- Institute of Demography, Academy of Science, Tajikistan "2006 Survey on the Economic Position of Labor Migrants Families in the oblasts most affected by labor migration whose husbands work outside the Republic.
- Khakimov P. and Mahmadbekov M. (2009, forthcoming), "Economic Dynamics of Labour Migrants' Remittances in Tajikistan", Report Based on the Study of Remittances and Living Standard Measurement Survey (TLSMS conducted in August 2008), IOM, April, 2009, pg. 56.
- Marat, Erica. "Shrinking Remittances Increase Labor Migration from Central Asia". Central Asia Caucasus Institute. http://www.cacianalyst.org/?q=node/5035
- Massey, Douglas S. "The Settlement Process Among Mexican Migrants to the United States". American Sociological Review, Vol. 51, No. 5 (Oct., 1986), pp. 670-684.
- Mukammal Odinaeva. Tajikistan: High Female Suicide Rates Linked to Unchecked Domestic Violence. http://www.irinnews.org/InDepthMain.aspx?InDepthID=20&ReportId=62834&Country=Yes
- Olcott Brill, Martha. Central Asia's Second Chance. Washington DC: Carnegie Endowment for International Peace 2005.
- Olimova, Saodat, Igor Bosc. "Labour Migration from Tajikistan". IOM in cooperation with the Scientific Research Center Sharq, July 2003
- Olimova, Saodat; Kuddusov, Jamshed. "Families of Migrants in Tajikistan: problems and ways of their solution." ILO, Analitical Survey Report 2007, pg. 17.
- RFERL. "Russia: Migrant Workers Struggle To Build Lives Amid Poverty, Abuse".
- RFERL. "Unemployed Tajik Migrants Stuck in Russia".
- The Observer, 12 April, 2009. "Soviet relics feel the pain as Russian crisis deepens". http://www.guardian.co.uk/world/2009/apr/12/russia-tajikistan-recession-guest-workers
- The Observer. "Soviet relics feel the pain as Russian crisis deepens".
- The World Bank Europe and Central Asia Region: Disparities between men and women in transition countries of Europe and Central Asia.

- “V Tadjikistanie iz-krizisa rastet chislo samaubiist”. Дар Тоҷикистон худкуши бо сабаби бӯҳрони молиявӣ афзоиш меёбад http://www.centrasia.ru/news2.php?st=1246826460
- United Nation Press Release. “UN Special Rapporteur on Violence against Women concludes visit to Tajikistan”. 23 May, 2008.
- Whitlock, Monica. Land Beyond the River. NY: Thomas Dunne Books, 2002
- Women in Tajikistan, Country Gender Assessments. Asian development Bank.
- Презентатсияи Бонки Умумиҷаҳонӣ, Мизи мудаввар IMCRMP-СБМ оиди таъсири б бӯҳрони глобалии моливии ба муҳоҷират дар Тоҷикистон. Душанбе, 13-14 марти 2009 г., Сиддхарта Канагараджа, иқтисодчии пешбари Б.У. дар Тоҷикистон.
- Моника Уитлок. «Дар паси дарё: Таърихи ногуфташудаи Осиёи Маркази». St.Martin Press. Нью-Йорк, 2002. Саҳ. 53.
- Саодат Олимова, Игорь Боск. «Муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон», СБМ дар ҳамкори бо Маркази илмӣ тадқиқотии “Шарк” июли с 2003.
- Саодат Олимова, Джамшед Куддусов. « Оилаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон: мушкилиҳо ва роҳҳои ҳалли он». ТБМ, ҳисоботи таҳлилӣ, 2007 г., саҳ.17.
- Бонки Рушди Осиё (АБР), «Маълумоти кӯтоҳ оиди давлат – Занҳо ва муносибатҳои гендери дар Тоҷикистон»
- Джейн Фэлкингэм. «Манзараи камбизоатӣ дар Тоҷикистон», маводҳои парванда 39, апрель 2000 г., саҳ. 2 и 4.
- Джейн Фэлкингэм. «Манзараи камбизоатӣ дар Тоҷикистон», маводҳои парванда 39, апрель 2000 г., саҳ. 2, 3 и 4.
- Фонд «Наследие», Индекси озодии иктисодӣ http://www.heritage.org/index/Country/Tajikistan
- П. Хакимов, М. Махмадбеков. «« Динамикаи иктисодии интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон». Ҳисобот оиди тадқиқот «Омӯзиши интиқоли маблағҳо аз рӯи ченакҳои ҳаётӣ» (TLSMS, августи с.2008 гузаронида шудааст), СБМ, Апрели 2009 с. (TLSMS, моҳи августи с. 2008 гузаронида шудааст.), саҳ. 56.
- Эрика Марат. «Пастшавии интиқоли маблағҳо муҳоҷирати меҳнатиро аз Осиёи марказӣ афзоиш медиҳад». Донишкадаи Осиёи марказӣ ва Кавказ. http://www.cacianalyst.org/?q=node/5035
- П. Хакимов, М. Махмадбеков. «Динамикаи иктисодии интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон». Ҳисобот оиди тадқиқот «Омӯзиши интиқоли маблағҳо аз рӯи ченакҳои ҳаётӣ» (TLSMS, августи с.2008 гузаронида шудааст), СБМ, Апрели 2009 с., саҳ. 70.
- П. Хакимов, М. Махмадбеков. «П. Хакимов, М. Махмадбеков. «Динамикаи иктисодии интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон». Ҳисобот оиди тадқиқот «Омӯзиши интиқоли маблағҳо аз рӯи ченакҳои ҳаётӣ» (TLSMS, августи с.2008 гузаронида шудааст), СБМ, Апрели 2009 с., саҳ. 71.
- Саодат Олимова, Игорь Боск. «Муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон». СБМ дар ҳамкорӣ бо Маркази илмӣ- тадқиқотии «Шарқ», июль 2003 г., саҳ. 41.
- Саодат Олимова, Игорь Боск. «Муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон» СБМ дар ҳамкорӣ бо Маркази илмӣ- тадқиқотии «Шарқ», июль 2003 г., саҳ. 41.

- Аз рӯи далелҳои СБМ, даромад аз ҳисоби миёна 412 доллари ИМА-ро дар як моҳ ташкил медиҳад, аз маводҳои Мизи муддавари ИОМ «Таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон» Март 2009. П. Хакимов и М. Махмадбеков дар тадқиқоти худ аз с. 2008 даромади муҳоҷиронро 387 доллар муққарар намудаанд. П. Хакимов и М. Махмадбеков, саҳ. 54.
- П. Хакимов, М. Махмадбеков. «Динамикаи иқтисодии интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон». Ҳисобот оиди тадқиқот « Омӯзиши интиқоли маблағҳо аз рӯи ченакҳои ҳаётӣ» (TLSMS, августи с.2008 гузаронида шудааст), СБМ, Апрели 2009 с., саҳ. 58..
- Баромади мутахассиси варзидаи илмҳои иқтисодии Бонки Умумиҷаҳонӣ марбут ба Тоҷикистон Судхаршан Канагарадж, - таъсири бӯҳрони глобалии моллиявӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ азТоҷикистон. Душанбе, 13-14 марти соли 2009.,
- The Observer, 12 April, 2009. "Soviet relics feel the pain as Russian crisis deepens". http://www.guardian.co.uk/world/2009/apr/12/russia-tajikistan-recession-guest-workers
- Canales, Alejandro I. "The role of remittances in the transnational family relationships configuration". 2005, Universidad de Guadalajara. Translation of the published work by the author in the book directed by Eric Guerassimo, Migrations internacionales, mobilities et development, published in 2004 by L'Hartmattan, Paris, France.
- Khakimov P. and Mahmadbekov M., "Economic Dynamics of Labour Migrants' Remittances in Tajikistan", Report Based on the Study of Remittances and Living Standard Measurement Survey (TLSMS conducted in August 2008), IOM, April, 2009, pg. 19.
- Institute of Demography, Academy of Science, Tajikistan. "2006 Survey on the Economic Position of Labor Migrants Families in the oblasts most affected by labor migration whose husbands work outside the Republic.
- Massey, Douglas S. "The Settlement Process Among Mexican Migrants to
- Researcher interview with Dr. Abdullo Davlatov, Director of the Tajik Diaspora in Moscow, at IOM Dushanbe, Tajikistan, 31 July 2009.
- Radio Free Europe Radio Liberty (RFERL). "Unemployed Tajik Migrants Stuck in Russia". RFERL. "Russia: Migrant Workers Struggle To Build Lives Amid Poverty, Abuse". http://www.rferl.org/content/article/1062756.htmll
- The definition of "primary, secondary, technical, and university" education is based on the current education act # 34 of the Republic of Tajikistan 17 May, 2004. Primary school is schooling from 1st class to 9th class and begins at age 7. Secondary schooling is schooling up to 11th and 12th class. Technical school includes technical schools and lyceums, and university degree is 5 years, equivalent to a graduate degree.
- Somoni to US Dollar exchanged based on exchange rates from the National Bank of Tajikistan 4.43 to 1 USD, 7 September, 2009 rate. http://www.nbt.tj/en/.
- Mukammal Odinaeva. Tajikistan: High Female Suicide Rates Linked to Unchecked Domestic Violence. http://www.irinnews.org/InDepthMain.aspx?InDepthID=20&ReportId=62834&Country=Yes
- Дар Тоҷикистон худкушӣ бо сабаби бӯҳрони молиявӣ афзоиш меёбад. http://www.centrasia.ru/news2.php?st=1246826460
- The Observer. "Soviet relics feel the pain as Russian crisis deepens".

***Барои қайдҳо:***